*Дифоъ аз ҳуқуқи инсон ва таълими ҳуқуқи тавассути ВАО дар Осиёи Марказӣ*

# ҲУҚУҚИ БАШАР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

№8
*октябр-декабри соли 2010*

*Варақаи иттилотӣ - таҳлилии семоҳа*













Иттиҳоди Аврупо

INSTITUTE FOR WAR & PEACE REPORTING
IWPR
Намояндагии институт оид ба тавзехи чанг ва сулх

# ХОНАНДАГОНИ МӮҲТАРАМ!

*Ба таваҷҷӯҳи шумо нашри ҳаштуми варақаи иттилотию таҳлилӣ, ки масоили мубрами ҳуқуқи башар дар кишварҳои Осиёи Марказиро инъикос менамояд, пешкаш менамоем.*

Мушкили фирориён дар кишварҳои минтақа яке аз паёмадҳои бархӯрдҳои моҳи июн дар ҷануби Қирғизистон буд. Акси садои ин ҳаводис, ки на танҳо Ҷумҳурии Қирғизистон ва ҳукумати муваққати "нозуки" дар пайи раисҷумҳур Боқиев омадааш, балки тамоми минтақаро ба ларза овард, боз дар дарозмуддат дар равобити миёни давлатҳо шунида хоҳад шуд. Истирдоди фирориёни ӯзбек аз Қазоқистон, ки барояшон макони ногуворе шуд, идома дорад. Ҳеҷ кас ба муҳоҷирони муваққатӣ аз Қирғизистон, ки ҳоло дар вилоёти Андиҷон, Намангон ва Фарғонаи Ӯзбекистон ба сар мебаранд, кафолате намедиҳад. Дар бораи вазъи кунунии онҳо шумо дар маводи ин варақа иттилоъ пайдо хоҳед кард.

Аммо худи давлатҳо низ, бешак, аз ин ҳаводиси фоҷиабор сабақ хоҳанд гирифт. Сабақи аввал ин аст, ки сиёсатмадорон ҳақ надоранд ба хотири ҳадафҳои сиёсии худ аз мушкилоти равобити қавмӣ истифода кунанд. Ҳаводиси Ӯш то куҷо паёмади хунбор доштани ин тарзи бархӯрдро собит карданд. Дарси дуввум, ҳақиқати маъруф дар борои он, ки демократия қабл аз ҳама дараҷаи олии масъулият пеши амалҳои худ ва эҳтироми қонун аст.

Қазоқистон, ки мақоми кишвари раҳбари САҲА-ро дорад, имсол таваҷҷӯҳи асосиашро ба ҳалли масоили низомӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, ҳамчунин амниятӣ кард. Ҳамзамон, такмили қонунгузории ҳуқуқӣ, ки то шурӯъи раҳбарӣ ваъда дода буд, ба назар мерасад, баъд аз ба охирин марҳала расидани ин рисолати фахрӣ низ идома хоҳад кард. Дар Ӯзбекистон ба Конститутсия тағйирот ворид мешаванд, ки на фақат "қадами боэҳтиёт ба истиқболи демократия"-ро бозгӯӣ мекунанд, балки тақвияти мавқеи сиёсии дарозмуддати президентро низ дар назар доранд. Ҳомиёни ҳуқуқи туркман барои ширкат дар конфронсҳои байнулмилалӣ дучори як қатор мушкил шуданд. Аз ҷумла, барои ширкат дар Конфронси шарҳи соли 2010, ки моҳи октябр дар Варшава баргузор шуд, фаъолони туркман мушкил доштанд, зеро алайҳи иштироки онҳо мақомоти Туркманистон эътироз карданд ва САҲА бо фикри онҳо розӣ шуд. Туркманистонро фақат як нафар ба таври алтернативӣ дар конфронси Остона муаррифӣ кард. Фаъолон ба он ишора мекунанд, ки мақомоти расмии Ишқобод мекӯшанд аз берун омадани иттилоъ дар бораи умури дохилии кишвар ҷилавгирӣ кунанд.

Ҳаводиси моҳи сентябр дар водии Рашти Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бо назардошти наздикӣ ба Афғонистони аз ҳад ноамн то куҷо хатари ба як ҳалқаи заиф табдил ёфтани ин кишвар вуҷуд дорад, ки тавассути он ноамнӣ ба кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ мепароканад. Ва дар Қирғизистон, аввалин кишвари минтақа, ки роҳи парламентаризмро пеш гирифтааст, охири моҳи декабр, баъд аз кӯшиши дуввум, тавонистанд аксарияти эътилофии Жогорку Кенешро ташкил диҳанд. Ниҳоят дар ин кишвар ҳукумати қонуние сари кор омад, ки аъзояшро намояндагони мардум тасдиқ кардаанд.

Ҷабҳаи бузурги кор дар пеш аст. Оё кишварҳои Осиёи Марказӣ дар қатори масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ҳуқуқи инсон, ки аксар вақт пушти парда мемонанд, метавонанд таваҷҷӯҳи арзанда кунанд ё на, вақт нишон хоҳад дод.

Ёдовар мешавем, ки варақа дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқи башар ва таълими ҳифзи ҳуқуқ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» омода шудааст, ки аз сӯи Институти британиёии инъикоси ҷанг ва сулҳ ва пуштибонии Кумиссиюни Аврупо амалӣ мешавад. Як ҳадафи аслии лоиҳа боло бурдани сатҳи бохабарии ҷомеа аз мушкилоти ҷорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аст.

Дар ҳоли ҳозир ин лоиҳа заминаҳои муколама рӯи ҳалли масъалаҳои дастрасии кӯдакон ба маориф дар Қирғизистон, мушкили афзоиши худкушӣ дар Тоҷикистон ва озодии баён дар Қазоқистонро таъмин мекунад. Самти дигари фаъолияти лоиҳа омӯзонидани масъалаҳои робита бо ҷомеа, ҳамкорӣ бо ВАО, баргузории тренингҳо барои рӯзноманигорон дар соҳаи меъёрҳои ҳуқуқи башар ва қонунгузории миллӣ ба намояндагони созмонҳои ғайриҳукуматӣ аст.

Имрӯз IWPR лоиҳаҳои худро дар Аврупо, Афғонистон, Эрон, Ироқ, Сурия, Уганда, Африқои Шимолӣ, Зимбабве, Қафқоз, Филиппин ва кишварҳои Осиёи Марказӣ бомуваффақият амалӣ мекунад. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ IWPR аз соли 1999 ба ин сӯ бомуваффақият фаъолият дорад. Дар ин муддат Институт тавонист бо сохторҳои давлатӣ, ғайриҳукуматӣ ва расонаҳо ҳамкории судманд ба роҳ монад. IWPR яке аз аввалинҳо буд, ки бо рӯзноманигорони маҳаллӣ ҳамкорӣ ба роҳ монд ва ба онҳо барои рушди равобит бо ҳамкорони хориҷиашон кӯмак кард. Бо мурури замон ин мушорикат шакли ҳамкориҳои танготанги касбиро гирифт.

Ин тарзи бархӯрд васеъшавии робитаҳои нав, табодули ҳамешагии ғояҳо, донишҳо ва навовариҳоро таъмин кард. Натиҷаи он, новобаста аз монеъаҳои забонӣ ва гуногунии ақидаҳо, якчанд маводи муштарак дар сомонаи www.iwpr.net аст. Ба шарофати ин кор, IWPR дар инъикоси масоили марбут ба ҳуқуқи башар, демократия ва бӯҳронҳо саҳми бузург гузошт.

Дар ҳар шумора мо мекӯшем шуморо бо фаъолияти лоиҳа, ҳаводиси алоҳида ва сохтории нақзи ҳуқуқи инсон дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ошно кунем.

# ДАР ИН ШУМОРА:


2 НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА

СӮҲБАТИ ДОҒ:

12 Ҳуқуқи узбекҳо дар ҷануби Қирғизистон бояд барқарор шаванд

14 Фирориёни ӯзбек худро “фаромӯшшуда” меҳисобанд

ГУЗОРИШИ ВИЖА:

16 Фақр ба истифодаи меҳнати кӯдакон дар Қирғизистон водор мекунад

ҚАЗОҚИСТОН:

19 Фирориёни ӯзбек дар рӯбарӯи истирдод аз Қазоқистон

ҚИРҒИЗИСТОН:

21 Чӣ тавр шумори ҷиноятҳои такрории наврасон дар Қирғизистонро бояд поён бурд?

23 Шарҳ. Равандҳои додгоҳии ҳаводиси фоҷиабори Қирғизистон бояд одилона бошанд

ТОҶИКИСТОН:

26 Вазъи ногувори “занони таркшуда” дар Тоҷикистон

28 Ҳукумати Тоҷикистон аз инъикоси бӯҳрон дар расонаҳои маҳаллӣ норизост

ӮЗБЕКИСТОН:

30 Шарҳ. Коршиноси матбуот: дар Ӯзбакистон заминаҳои даъвоҳои судӣ алайҳи рӯзноманигорон зиёданд

32 Гуруснанишинии зиндониён дар маҳбаси Жаслик

ТУРКМАНИСТОН:

33 Занони муосири туркман ба ҳуқуқи воқеӣ ниёз доранд

35 Туркманистон: мақомот бо сафарҳои хориҷии табибон мубориза мебаранд


# НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА

## IWPR БАРОИ РӮЗНОМАНИГОРОН ВА ҲОМИЁНИ ҲУҚУҚ АДАБИЁТИ ТАХАССУСИРО НАШР КАРД



13, 15 ва 26 октябр дар Алмаато, Душанбе ва Бишкек ҳамзамон маросими муаррифии интишороти Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) барои рӯзноманигорон ва ҳомиёни ҳуқуқ, ки соли 2010 ба чоп расидаанд, баргузор шуд. Дар миёни интишороти нав дастурҳои «Иртиботи пурсамар» ва «Инъикоси ҳуқуқи инсон» зикр кардани мумкин аст, ки тавсияҳои кордонҳоро оиди ҳамдигарфаҳмии ВАО ва СҒД-ро дар бар мегиранд, яъне бо кадом тариқ ҳомиёни ҳуқуқ метавонанд муколамаи пурсамари хешро бо ВАО роҳандозӣ кунанд ва чи гуна рӯзноманигорон бояд роҳҳои инъикоси ҳирфаии мавзӯҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқро дарк кунанд. Ба ҷуз ин, имсол Институт ба забонҳои маҳаллӣ дастури қаблан ба забонҳои англисӣ ва русӣ тарҷумашудаи IWPR таҳти унвони “Гузоришҳо ба хотири дигаргуниҳо” – ро нашр кард, ки аз сӯи мутахассисон яке аз беҳтарин китобҳо оиди меъёрҳои байналмилалии журналистика эътироф шудааст. Ҳамчунин Институт ба забони русӣ як дастуруламал оиди радиожурналистикаро низ нашр кард.

Ҳангоми маросими муаррифӣ ин китобҳо ба факултаҳо ва кафедраҳои журналистикаи донишгоҳҳои маҳаллии



**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**




Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, ҳамчунин доираи васеъи СҒД ва созмонҳои расонаии минтақа тӯҳфа шуданд. Камназирии китобҳои IWPR дар он аст, ки онҳо таҷрибаи коршиносони ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказиро як ҷо гирд овардаанд. Муаллифони китоҳо кормандони IWPR, ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорони аршади Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ҳастанд, ки дар дохилу хориҷи кишвари худ машҳур мебошанд.

Гулҷигит Соронқулов, муовини вазири маориф ва илми Қирғизистон зарурати ҳамчунин китобҳо барои маорифро зикр кард. Сарвари кафедраи журналистикаи байнулмилалии Донишгоҳи славянии Қирғизистону Русия (КРСУ) Александр Катсев гуфт, ин китобҳо “ҳақ ба таҳаммулпазирӣ дар замони баъд аз тоталитаризмро тасдиқ мекунанд”, зеро, ба фикри Катсев, “ҳар қадар ба забонҳои мухталиф китоб чоп шавад, ҳамон қадар онҳо ба шуури донишҷӯён бештар ворид мешаванд ва ҳамон қадар ғояҳои таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа меафзоянд”.

Намояндаи созмони ҳифзи ҳуқуқи рӯзноманигорони Қазоқистон – “Адил Соз” Софя Лапина бар ин аст, ки “китобҳо барои роҳандозии ҳамкории танготанг миёни СҒД-ҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ВАО кӯмак мекунанд. Ин дастурҳо рӯзноманигорони ҷавонро ба мавзӯҳои ҳифзи ҳуқуқ ҷалб намуда, ба онҳо барои дарёфти самт дар ҷараёни иттилоот кӯмак мерасонанд”.

Зебо Тоҷибоева, яке аз муаллифони дастуруламал барои радиожурналистон, нақл кард, ки асоси кори муаллифон донишҳои шахсӣ ва таҷрибаи кори журналистиву муҳарририи гузоришҳои таҳлилии радиоӣ буд. “Вақтҳои охир дар Тоҷикистон чун кишварҳои дигар ин жанри радиожурналистика, ки суҷаи таҳлилӣ ё худ “пакет” ном дорад, қариб буд аз байн равад. Ин жанр аз журналист кӯшиш ва меҳнати зиёдеро талаб мекунад. Аммо, дар навбати худ, ин воситаи аҷибтарини пешниҳоди иттилоъ ба шунавандагони радио аст. Аз ин хотир, маҳз ин жанр асоси ҳамаи лоиҳаҳои радиоии IWPR ва ин дастуруламал қарор гирифтааст” – гуфт вай.

Дар бораи аввалин дастур барои ҳомиёни ҳуқуқи башар раҳбари СҶ “Нота Бене”, ҳомии машҳури ҳуқуқ Нигина Баҳриева гуфт: “Бори аввал дар як китоб маслиҳатҳои амалӣ ва пешниҳодҳои назариявӣ дар бораи чӣ тавр бо ҷомеа робита барқарор кардан ҷамъоварӣ шудааст”. Ӯ ҳамчунин изҳори умедворӣ кард, ки дастури мазкур ба ҳомиёни ҳуқуқ барои аз кори муҳим ва аҷиби худ ба ҷомеа хабар додан кӯмак мекунад.



Маросими муаррифии китобҳои IWPR таваҷҷӯҳи васеъи рӯзноманигорон, намояндагони сохторҳои давлатӣ, созмонҳои расонаӣ, бахши шаҳрвандӣ, донишгоҳҳо, созмонҳои байнулмилалӣ ва миссияҳои дипломатӣ дар кишварҳои минтақаро ҷалб кард. Дафтарҳои Институт дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз созмонҳо ва афроди алоҳида оиди бепул дастрас кардани интишороти мазкур дархост қабул мекунанд.

**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**

## ДАР БИШКЕК ВА ДУШАНБЕ АЗ РӮИ ФАРЗИЯИ IWPR БЕҲТАРИН РӮЗНОМАНИГОРОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ, КИ БО ИНЪИКОСИ ҲУҚУҚИ ИНСОН МАШҒУЛАНД, НОМБАР ШУДАНД

10 декабр – дар Рӯзи ҳуқуқи инсон дар ш. Бишкек маросими бошукӯҳи супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони озмуни рӯзноманигорони Осиёи Марказӣ аз Қирғизистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон таҳти унвони "Инъикоси беҳтарини масоили ҳифзи ҳуқуқ дар ВАО" баргузор шуд. Ду рӯз пеш, 8 декабр, дар Душанбе ғолибони ин озмун аз Тоҷикистон мукофотонида шуданд.

Ба ҷоизадорон муҷассамаи хурди биринҷӣ дар шакли қалами пардор, диплом ва пул дар ҳаҷми аз 300 то 1000 доллари амрикоӣ вобаста аз номинатсия супурда шуд.

Озмун соли 2009 эълон шуда буд. Аз он вақт ба ин сӯ ба IWPR беш аз 100 дархост аз рӯзноманигорони расонаҳои давлативу хусусӣ ва озоди чор кишвари минтақа ворид шуд. Ҳайати ҳакамон аз ҳафт ҳомии ҳуқуқи босалоҳият, рӯзноманигор ва ҳуқуқшинос аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон иборат буд, ки дар дохилу хориҷи кишвари худ шинохта шудаанд: Вячеслав Абрамов, Андрей Гришин, Сардар Бағишбеков, Шамарал Майчиев, Ойниҳол Бобоназарова, Шаҳло Акобирова, Ҳакимҷон Ҳусанов.

Узви ҳайати ҳакамон, Ҳакимҷон Ҳусанов гуфт, дар раванди интихоби беҳтарин мақолаҳо миёни ҳакамон рӯи номинатсияҳои алоҳида баҳсҳои тезутунд барпо шуданд. "Дар оғоз мо алоҳида муҳокима кардем, баъд ҷамъ шудем (тариқи Skype-conference), то ғолибонро интихоб кунем" – нақл кард ӯ.

"Хеле меҳоҳем, ки ин гуна тадобир ҳамасола аз сӯи IWPR баргузор шаванд, зеро онҳо барои рушди малакаи ҳирфаии рӯзноманигороне, ки дар мавзӯъҳои ҳуқуқи инсон менависанд, кӯмак мерасонанд" – зикр кард Парвина Ҳамидова, муҳаррири масъули ҳафтаномаи «Азия Плюс» дар Тоҷикистон.

Коршиносон зикр карданд, ки ҳамзамон бо боло бурдани меъёрҳои касбӣ, ин гуна озмунҳо инъикоси мавзӯъҳои ҳуқуқи инсонро таҳким мебахшанд, зеро ба қавли аксари иштироккунандагон, инъикоси ин мавзӯъҳо кори содда нест – кӯшиши оддии дастрас кардани иттилоъ аз мақомот метавонад то шикоят аз рӯзноманигор ба суд расонад.

Маърифати ҳуқуқии аҳолӣ маъсулияти институтҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқро, ки "ҳоло ба аксар ҳаводиси нақзи

# ҶОИЗАДОРОНИ ОЗМУН:

## НОМИНАТСИЯҲОИ АСОСИИ ОЗМУН:

*ВАО-и чопӣ*



Елена Воронина
*(Қиргизистон)*



Елена Братухина
*(Қазоқистон)*



Рамзия Мирзобекова
*(Тоҷикистон)*

*Online-ВАО*



Тилав Расулов
*(Тоҷикистон)*



Бакит Ибраимов
*(Қиргизистон)*

**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**

ҳуқуқ чашм мепӯшанд", боло мебарад, - мегӯяд Рамзия Мирзобекова, рӯзноманигори тоҷик, саввумин ҷоизадор аз рӯи категорияи "ВАО-и чопӣ", ки дар таҷрибаи худ бо хатарҳои рӯзноманигории ҳифзи ҳуқуқ рӯ ба рӯ шудааст.




Жасулан Кужеков, рӯзноманигори Радиои Аврупои Озод/Радио Озодӣ аз Қазоқистон, ки аз рӯи номинатсияи махсуси "Шиканҷа ва боздоштҳои ғайриқонунӣ" мукофот гирифтааст, мегӯяд, муддати тӯлонӣ бо инъикоси масоили тиҷорати нафт машғул буд, аммо аз замони дар мавзӯи ҳифзи ҳуқуқ навиштанаш нияти бозистонданро надорад.

Елена Воронина, ҳомии машҳури ҳуқуқ аз Қирғизистон, ки ҷоизаи аввалини номинатсияи "ВАО-и чопӣ"-ро гирифтааст, мегӯяд, аз баланд қадрдонӣ шудани силсилаи мақолаҳояш дар бораи ҳуқуқи кӯдакон аз сӯи ҳакамон дар ҳайрат афтодааст. "Ин на фақат пирӯзии ман, балки пирӯзии ҳамаи он кӯдаконест, ки ман дар бораашон менависам", - гуфт Воронина.

"Ин маросим барои мо як иди ҳақиқӣ буд" – гуфт рӯзноманигори тоҷик Валентина Қосимбекова ва афзуд, аз дидани аъзои парлумони Тоҷикистон, мансабдорон, намояндагони СҒД-ҳои маҳаллӣ ва созмонҳои хориҷӣ, ки барои табрики ғолибони озмуни рӯзноманигорӣ ба маросими ҷоизасупорӣ дар Душанбе омада буданд, шод шудааст.

Намояндаи минтақавии Раёсати Комиссариати Олии Ҳуқуқи Башари СММ дар Осиёи Марказӣ Фиона Фрейзер гуфт, ин ташаббуси бобарор буд ва аз IWPR барои созмони ин озмун сипосгузорӣ кард. Ӯ ҳамчунин гуфт, РКОҲБ СММ ният дорад номинатсияи худро таъсис диҳад, агар ин гуна озмун соли оянда низ баргузор шавад.

Озмунро Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳои "Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таълими ҳуқуқӣ тариқи ВАО дар Осиёи Марказӣ", ки аз сӯи Комиссияи Аврупо сармоягузорӣ мешавад, ва "Барномаи иттилоотии инъикоси масоили ҳуқуқи башар, бӯҳронҳо ва таҳкими эътимод", ки аз сӯи ҳукумати Норвегия дар ҳамдастӣ бо шӯъбаи Раёсати Комиссари Олии Ҳуқуқи Башари СММ (UNHCHR) ва сафорти ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пуштибонии молӣ мешавад, ташкил кард.

## НОМИНАТСИЯҲОИ МАХСУС АЗ РӮИ МАВЗӮЪ:

*«Ҳуқуқи занон ва кӯдакон»*



Абдурақиб Қодиров
*(Тоҷикистон)*

*«Шиканҷа, боздоштҳо ва ҳабсҳои ғайриқонунӣ»*



Жасулан Кужеков
*(Қазоқистон)*

*«Озодии баён»*



Сергей Расов
*(Қазоқистон)*

*«Озодии гаштугузор»*



Дилбегим Мавлоний
*(Ӯзбекистон)*

### *Номинатсияи РКОҲБ СММ «Манзили кофӣ»*



Махамбет Абжан
*(Қазоқистон)*



Асил Осмоналиева
*(Қиргизистон)*



Валентина Қосимбекова
*(Тоҷикистон)*

### *Номинатсияи Сафорати ИМА дар Тоҷикистон*



Ирина Умарова
*(Тоҷикистон)*



Фазлиддин Хоҷаев
*(Тоҷикистон)*

**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**

# IWPR БА ҲОМИЁНИ ҲУҚУҚ ВА РӮЗНОМАНИГОРОНИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚИРҒИСТОН ФАННОВАРИҲОИ ҶАДИДИ РАСОНАИРО ОМӮХТ

Моҳи октябри с. 2010 IWPR барои ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон силсилаи тренингҳояшро дар бораи фанновариҳои ҷадиди расонаӣ дар Интернет идома дод. 16-17 октябр тренингҳо барои фаъолони ҳуқуқи башари Бишкек, вилоятҳои Чуй, Талас ва Иссиққӯли Қирғизистон баргузор шуданд.

Дар Тоҷикистон аввалин тренинги ин силсила 29 октябр дар Душанбе анҷом ёфт. 15 корманди СҒД-ҳои ҳифзи ҳуқуқ ва рӯзноманигор аз пойтахт, Қӯрғонтеппа, навоҳии Рашту Варзоб кор дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои нави Интернетиро омӯхтанд. 31 октябр - 1 ноябр ин гуна нишастҳо дар Хоруғ ва 4 - 5 ноябр дар Хуҷанд баргузор шуданд. Дар онҳо 30 ҳомии ҳуқуқ ва рӯзноманигор ширкат карданд.

“Намедонистем, ки Интернет имкон медиҳад, ки бидуни кӯмаки рӯзноманигорон ва ВАО мо дар бораи фаъолияти СҒД-ҳои худ таботули иттилоъ кунем”, - гуфт Лола Ҷалилова аз Қурғонтеппа. Ҳамаи иштирокчиёни тренинг блогҳои худро таъсис доданд, ки дар онҳо метавонанд иттилоъ дар бораи кори худ барои ҳалли мушкилоти марбут ба ҳуқуқи башарро ҷой диҳанд. Ба ҷуз ин, василаҳои навтарини мухобирот имкон медиҳанд, ки онҳо доираи шиносҳояшонро васеъ карда, дар ҷараёни ҳаводис бошанд ва самаранокии кори худро боло баранд.




“Ба шарофати ин тренинг ман дар як рӯз шиносоиҳои зиёди заруририро пайдо кардам” – зикр кард иштироккунандаи дигари тренинг Ибодат Ҷӯраева.

Тренери нишаст блоггери машҳури Қирғизистон Бектур Искандар, асосгузори сомонаи иттилоотӣ ва бузургтарин платформаи блогӣ Kloop.kg буд.

# МУҲОКИМАҲОИ ҶАМЪИЯТИИ «МЕХАНИЗМҲОИ ҲИМОЯТ АЗ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА»



Моҳҳои октябр-ноябри соли 2010 дар шаҳрҳои Хуҷанд, Хоруғ, Кӯлоб ва Қурғонтеппа бо ҳамдастии “Анҷумани СҒД барои баробарии ҷинсӣ ва ҷилавгирӣ аз хушунат алайҳи занон” мизҳои гирд дар мавзӯи “Боло бурдани огоҳии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мушкили зӯроварӣ алайҳи занон ва механизмҳои ҳимоят аз он” баргузор шуданд. Ҳудуди 150 фаъолони ҷамъиятӣ, намояндаи мақомоти давлатӣ ва рӯҳонӣ дар манотиқ механизмҳои ҳимоят аз намудҳои гуногуни зӯровариро баррасӣ карданд. Ширкатдорони вохӯрӣ зикр карданд, ки зӯроварӣ дар оила ба як мушкили умда дар кишвар табдил меёбад, зеро механизмҳои ҳимоят барои он кор намекунанд, ки то ба ҳол дар кишвар Қонуни “Ҳимоя аз зӯроварӣ дар оила” қабул нашудааст. Дар бархе манотиқ, аз ҷумла ВМКБ хадамоти марокизи бӯҳронӣ кор намекунанд, хадамоти кӯмаки равонӣ барои занону мардон ва паноҳгоҳи қурбониёни зӯроварӣ вуҷуд надоранд. Ҳамчунин нигилизм ё бетарафии ҳуқуқии шаҳрвандон дар надонистани қонунҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои хеш бетаъсир намонда, ба он овардааст, ки қурбониёни зӯроварӣ барои кӯмак муроҷиат намекунанд.

Ҳамзамон намояндагони СҒД-ҳои занон барои донишҷӯёни донишгоҳҳои маҳаллӣ дар бораи механизмҳои байнулмилалӣ ва миллии ҳимоят аз зӯроварӣ дар оила маърӯзаҳои ошноӣ хонданд. Баргузории ин маърӯзаҳо низ бо ташаббуси IWPR сурат гирифт.

8 декабри соли 2010 дар Душанбе муҳокимаҳои ҷамъиятӣ дар мавзӯи «Механизмҳои ҳимоят аз зӯроварӣ дар оила» баргузор шуданд. Онҳо охирин тадобир дар сил-

**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**



силаи муҳокимаҳое буданд, ки дар манотиқи мухталифи кишвар ба хотири фаъол кардани пуштибонии созмонҳои ҷамъиятии занон аз қабули қонун дар бораи хушунати хонаводагӣ, ки Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ дастгирӣ мекунад, баррасӣ шуданд ва бояд аз тадобири мазкур натиҷагирӣ мекарданд. Дар кори муҳокимаҳои ҷамъиятӣ намояндагони парлумон, ҳукумат, Институти ваколатдори ҳуқуқи башар, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, Академияи ВУД, Додситонии кулл, Додгоҳи Олӣ, Шӯрои Адлия, як қатор созмонҳои байнулмилалӣ ва ғайра ширкат доштанд. Ҳамагӣ дар муҳокимаҳои ҷамъиятӣ 86 нафар аз пойтахт ва дигар манотиқи кишвар иштирок карданд.

Ширкатдорони чорабинӣ ба хулосае омаданд, ки ҳамаи пешниҳоду тавсияҳоро ҷамъбаст карда, барои баррасии ҳукумати ҶТ пешкаш намоянд. Яке аз тавсияҳои асосӣ қабули Қонун “Дар бораи ҳимоят аз хушунат дар оила” буд. Дар давоми мизҳои гирд ва маърӯзаҳо беш аз 300 имзо барои дастгирии қабули ин қонун ҷамъ шуд. Аз ҷамъбасти баҳсҳо як эъломия барои пуштибонии ин тарҳи қонун ва тасвиби Ёддошти ихтиёрии ҳусни тафоҳум ба Эъломияи СММ дар бораи нобуд кардани ҳамаи намудҳои нақзи ҳуқуқи занон қабул шуд.

“Ба назари ман, ба шарофати дастгирии IWPR пуштибонии қонун дар марҳалаи ниҳоӣ қарор дорад” – гуфт яке аз фаъолони ҳаракати баробарҳуқуқии ҷинсӣ дар Тоҷикистон, раҳбари ИҶ “Занони хатмкардаи донишгоҳҳо” Гулҷаҳон Бобосодиқова.

Ҳамаи чорабиниҳо дар чаҳорчӯбаи лоиҳаҳои “Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва талими ҳуқуқӣ тавассути ВАО дар Осиёи Марказӣ”, ки аз сӯи Комиссияи Аврупо сармоягузорӣ мешавад, ва “Барномаи иттилоотии инъикоси масоили ҳифзи ҳуқуқ, бӯҳронҳо ва тақвияти эътимод”, ки аз сӯи Вазорати корҳои хориҷии Норвегия пуштибонии молӣ дорад, баргузор шуданд.

## ТРЕНИНГ ДАР МАВЗӮИ «ҲАМКОРИИ ПУРСАМАРИ СҒД ВА ВАО»

18-19 октябр ва 2–3 декабр дар Алмаато, ҳамчунин 6–7 декабр дар Талдиқурғон нишастҳои омӯзишӣ баргузор шуданд, ки ҳадафашон ба кормандони созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва рӯзноманигорон омӯзонидани василаҳои самараноки ҳамкорӣ дар ҳалли масоили доғи иҷтимоӣ буд. Тренерон дар Алмаато Марлан Негизбаева, мутахассиси мухобароти маркетингӣ дар ВАО, муаллими калони кафедраи менеҷменти ВАО ва рекломи Донишгоҳи миллии Қазоқистон ба номи Форобӣ ва дар Талдиқурғон - Яна Бачевская, хабарнигори рӯзномаи «Диалог Талдиқурғон» буданд.

Дар пойтахти ҷанубии Қазоқистон дар қиёс бо минтақаҳо ин равобит нисбатан беҳтар ба роҳ монда шудаанд, аммо дар ҳарду нишасти омӯзишӣ ширкатдорон суолҳои зиёдеро дар бораи чӣ тавр афзудани натиҷаҳои ҳамчунин ҳамкориро матраҳ карданд.

Дар рӯзномаи корӣ ин ҷанбаҳо низ вуҷуд доштанд: пресс-конфронс аз брифинг чӣ фарқ дорад, созмонҳои ғайриҳукуматӣ чӣ тавр метавонанд пресс-пул ташкил диҳанд ва чорабиниҳоро бо ширкати ВАО чӣ тавр самаранок ташкил кунанд ва ҳамчунин чӣ тавр барои ҳар як СҒД ВАО-ҳои мақсаднокро муайян кард.

Ба гуфти тренер Яна Бачевская, СҒД-ҳои маҳаллӣ асосан бо расонаҳои хусусӣ ҳамкорӣ мекунанд, аммо бо рӯзномаҳои давлатӣ амалан робитае нест. Аз ин хотир ба вохӯрии моҳи декабр “буҷаиён”-ро низ даъват карданд. Ҳамзамон масоили ҳалталаби иҷтимоӣ, ки ба назари СҒД, бояд таваҷҷӯҳ зоҳир шавад, дар минтақаҳо зиёданд, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи бозмондагон дар ҳолати камбуди шадиди кормандони соҳаи иҷтимоӣ, таъмини оби нӯшокиву обёрӣ ва мушкилоти бачаҳои ятим.

“Хеле хуб аст, ки ҳамчунин нишастҳои омӯзишӣ ба забони қазоқӣ низ баргузор мешаванд” – мегӯяд намояндаи Маркази занонаи захиравӣ дар Шимкент Элмира Дуйсекеева.



**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**

# ҲОМИЁНИ ҲУҚУҚИ ҚАЗОҚИСТОН КОРИ ХУДРО БО ВАО ТАКМИЛ МЕДИҲАНД



25-26 октябр дар Алмаато ва 28-29 октябр дар Павлодар тренингҳо дар мавзӯи "Фаъолияти ҷамъиятӣ-маърифатӣ барои СҒД-ҳои ҳифзи ҳуқуқ" баргузор шуданд, ки аз сӯи намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Қазоқистон ташкил шуданд. Ҷамъан беш аз 30 намояндаи СҒД аз Алмаато, Шимкент, Талдиқӯрғон, Тароз ва Павлодар аз тренер Ирина Чистякова (Бишкек) дар бораи ин ки чӣ тавр иттилоъро то доираи васеъи ҷомеа бояд расонд, омӯзиш диданд. Ирина Чистякова – тренер ва мушовир дар соҳаи мухобирот, ҳамаъзои Институти мушовирони шаҳодатномадори менеҷменти Осиёи Марказӣ, муаллими кафедраи журналистикаи байнулмилалии Донишгоҳи славянии Русияву Қирғизистон (КРСУ) аст.

Тренер дар бораи усулҳои густариши ҳамкории СҒД ва ВАО ва навҳаҳои кор бо аудитория сӯҳбат кард. Таваҷҷӯҳи вижа ба таҳлили ҳама ҷанбаҳои маркетинги иҷтимоӣ, "чирикӣ" ва BTL дода шуд, ки имкон медиҳанд бидуни хароҷоти махсус, аммо амалан ба гурӯҳҳои мавриди назар иттилоъ расонида шавад. Тренинг ҳамчунин масъалаҳои интихоби чорабиниҳо ва усулҳои фаъолияти ҷамъиятӣ-маърифатӣ, намоиши кӯчагӣ, консерт ё намоишгоҳи аксҳоро дар зимн дошт. Ширкатдорон нақшаҳои ин гуна чорабиниҳоро омода намуданд ва муассирии онҳоро баррасӣ карданд.

«Ҳоло бештари СҒД-ҳо ба ҳамкорӣ бо ВАО эҳтиёҷ доранд, аммо ҳомиёни ҳуқуқ аксар вақт бо адами хоҳиши идораи рӯзномаҳо барои инъикоси ин ё он масъалаҳои рӯзмарра дучор меоянд. Дар ин нишаст ман чӣ тавр муассир ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо рӯзноманигоронро бардошт кардам» - гуфт мудири Маркази минтақавии мусоидат ба демократияи Талдиқурғон Сания Касабулатова. «ВАО, новобаста аз мушкилоти ҳамкорӣ бо онҳо, «пули» муассиртарин миёни СҒД ва аудиторияи мавриди назар мебошанд», - мегӯяд Кунсулу Макен, раиси СҒД «Рушди ҳуқуқии Қазоқистон». «Мо набояд фақат ба матбуот такя кунем ва метавонем чорабиниҳои муассир ва созандаро баргузор намоем, ки таваҷҷӯҳи аудиторияи мавриди назарамонро ҷалб хоҳанд кард»», - гуфт Макен. Дар навбати худ, Жанна Бороздина, раиси ИҶ «Занон барои ояндаи миллат» гуфт, мушкили асосии ҳомиёни ҳуқуқи маҳаллии Қазоқистон дониши нокофӣ дар бораи он аст, ки намедонанд чӣ тавр аудиторияи мавриди назарро дуруст ва дақиқ муайян кунанд. «Дар назари аввал, ин гуна чизҳои оддӣ таваҷҷӯҳ ва омӯзиши бештарро тақозо мекунанд, зеро аз ин аксар вақт муваффақияти фаъолияти мо вобаста аст», - хулоса кард Бороздина.

# АЛЕКСЕЙ МАЛАШЕНКО: «ТАВАҶҶӮҲ НИСБАТИ ҚИРҒИЗИСТОН АЗ ҶОНИБИ ОНҲОЕ, КИ БА ГЕОПОЛИТИКА САРФАҲМ МЕРАВАНД, АФЗОИШ ХОҲАД ЁФТ »



3 ноябр дар Бишкек дар мавзӯи «Чӣ тавр дар кишвари баъд аз бӯҳрон эътимодро барқарор кард?» мизи гирд бо ширкати узви Шӯрои илмии Маркази Корнегии Маскав Алексей Малашенко баргузор шуд. 4 ноябр коршинос бо ширкатдорони лоиҳаҳои Институти сиёсати ҷамъиятӣ (IPP) ва намояндагони ВАО маърӯза — бозии кориеро барпо кард. Бозӣ баррасии ҷанбаҳои мусбату манфии демократия ва авторитаризмро дарбар мегирифт. Чорабиниҳоро IPP дар ҳамдастӣ бо намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Қирғизистон ташкил кард.

Малашенко мегӯяд, «таваҷҷӯҳи мардуме, ки геополитикаро сарфаҳм мераванд, ба Қирғизистон меафзояд», зеро ин, якум, қисмати водии Фарғона, дуввум, кишвари ба Афғонистон наздик аст ва саввум, аз ин ҷо рудҳо ҷорӣ мешаванд.

Малашенко се сенарияи эҳтимолии рушди минбаъдаи ҷараёни ҳодисаҳо дар Қирғизистонро пешниҳод кард. Аз рӯи сенарияи аввал, инерсионӣ, дар ин давлат то панҷ соли дигар тавтиаҳои дохилӣ, муайян кардани он, ки «кӣ шахси асосӣ аст», идома меёбад ва тадриҷан ҳокимият дар

**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**

дасти шахсиятҳои қудратманд мутамарказ мешавад. «Аз 5-6 ҳизби бузургтарини имрӯз ду ҳизби воқеии қудратманд шояд пайдо шаванд. Дар чунин шароит ҳаракат ба сӯи авторитаризм хоҳад буд» - гуфт таҳлилгар.

Аз рӯи сенарияи дуввум, бӯҳронӣ, дар Қирғизистон «инқилобҳо» идома хоҳанд ёфт. Ин ба назари Малашенко, барои давлати Қирғизистон марговар аст. Вай мегӯяд, «Қирғизистон ба як инқилоби дигар тоб нахоҳад овард». Ниҳоят аз рӯи сенарияи саввум, мусбӣ, ҷаҳиши сиёсиву иқтисодӣ рух хоҳад дод ва бидуни ба ҳам омадани чанд омил имкон надорад, аз ҷумла мардумро лозим меояд, ки «дасту остин бар занад». Алексей Малашенко афзуд, дар ҳама ҳолат бояд дақиқан фаҳмид, ки «ҳар як ист дар як ҷо ба пошхӯрӣ меорад».

«Ҳамаи ин сенарияҳо ба муносибати хориҷӣ ба Қирғизистон бетаъсир намемонанд», - зикр кард Малашенко.

Дар бораи коршинос: Алексей Малашенко муддати тӯлонӣ дар Академияи улуми Русия кор карда, ҳоло раҳбари барномаи «Дин, ҷомеа ва амният» -и Бунёди Корнеги оид ба сулҳи байналмилал (Carnegie Endowment for International Peace) аст. Профессори МГИМО, профессори даъватии Донишгоҳи Колгейт, муаллифи корҳои илмӣ ва мақолаҳои зиёд, сиёсатшинос, исломшинос.

## ДАР ҚИРҒИЗИСТОН МОНИТОРИНГИ МУАССИСАҲОИ ПӮШИДАРО ҲИРФАИТАР БА РОҲ МЕМОНАНД

Аз 24 ба 26 ноябр дар Иссиққӯл (Қирғизистон) мулоқоти кории омода кардани василаҳои мониторинги ҷамъиятии ҷойҳои маҳрумшавӣ аз озодӣ баргузор шуд. Ин чорабинӣ аз сӯи Бунёди Ҷамъиятии (БҶ) «Садои Озодӣ» бо пуштибонии намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Қирғизистон ва «Хонаи Озодӣ» ташкил шудааст.

Тавре раҳбари БҶ «Садои Озодӣ» Сардар Бағишбеков гуфт, ин курси мушаххаси омӯзишӣ барои мутахассисони амалкунанда буд. Ширкатдорон - кормандони Хадамоти давлатии иҷроиши ҷазоҳои ҶҚ, Дастгоҳи омбудсмен (Акийкатчи), ҳуқуқшиносон, кормандони созмонҳои ҷамъиятӣ ва байнулмилалӣб – василаҳои зарурии мониторинги муассисаҳои пӯшидаро омода карданд ва ҳамчунин онро ҳангоми боздид аз маҳбаси № 44 шаҳри Чолпон-Ота санҷиданд. Барои 17 ҷойи мухталиф харита ва суолномаҳо барои мусоҳиба бо панҷ гурӯҳи гуногун тартиб дода шуд.



Ба ҳайси модератори гурӯҳи корӣ Арман Даниелян, президенти ИҶ «Институти ҷомеаи шаҳрвандӣ»-и Ҷумҳурии Арманистон ва узви зеркумитаи СММ алайҳи шиканҷа ширкат дошт. Ба сифати тренерҳо аз Қирғизистон коршиноси Гурӯҳи мустақили ҳомии ҳуқуқ Улуғбек Азимов ва директории он Динора Саякова даъват шуда буданд.

Арман Даниелян зикр кард, ки баргузории мониторинг бидуни василаҳо маънии дар ниҳоят ба даст овардани иттилои нопурраро дорад. Василаҳо имкон медиҳанд мушкилоти аслӣ аз мадди назар дур намонанд ва вусъати рушди кишвар пайгирӣ шавад. Вай афзуд, самаранокии мониторинг ба якчанд омил бастагӣ дорад: ин дастрасиву таваҷҷӯҳи кофӣ ба ҳисоботи гурӯҳҳои мониторингӣ аз сӯи раҳбарияти сохтор ва пуштибонии молии гурӯҳҳои мониторӣ аст.

«Вақте ҳар рӯз дар муҳит ҳастӣ, одат мекунӣ ва баъзе чизҳоро аллакай пай намебарӣ. Ҳоло мо дар даст харитаи назоратро дорем. Ман худ низ метавонам бо кӯмаки ин харитаҳо муназзам тобеъони худро тафтиш кунам, то дар мо ҳама чиз дар ҷояш бошад», - гуфт яке аз ширкатдорони гурӯҳи корӣ, сарвари муассисаи №31 назди Хадамоти давлатии иҷроиши ҷазо дар деҳаи Молдовановка Қубаничбек Шаршембиев. Ба назари коршиносон, дар сохтори ислоҳии ҶҚ беҳбудиҳо ба назар мерасанд, аммо мушкилот боқӣ мемонанд ва яке аз онҳо дастрасӣ ба иттилоъ аст.

## «ҲАНГОМИ БӮҲРОНҲО РӮЗНОМАНИГОР АКСАРАН ЯГОНА МАНБАЪИ ИТТИЛОЪ АСТ»

25-26 ноябри соли 2010 дар Ӯш тренинги «Амнияти рӯзноманигорон ҳангоми инъикоси бӯҳронҳо» барои рӯзноманигорон ва ҳомиёни ҳуқуқи вилоятҳои Бодканд, Ҷалолобод ва Ӯш баргузор шуд. Ҳадафи тренинг ба рӯзноманигорон омӯхтани ҷанбаҳои гуногун ва навгониҳои ҳимояти ҳуқуқӣ, нововариҳои худмуҳофизаткунӣ ва расонидани ёрии аввалини тиббӣ буд.

Барои омӯзонидани навгониҳои расонидани ёрии аввалини тиббӣ тренерон-наҷотдиҳандагон аз намояндагии минтақаи ҷанубии Ҷамъияти миллии Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии

**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**



Қирғизистон даъват шуда буданд. Мутахассиси худмуҳофизаткунӣ аз оҷонси детективӣ-муҳофизатии «Алфа» усулҳоеро нишон дод, ки бо кӯмаки онҳо рӯзноманигорон метавонанд бо истифодаи имконоти мавҷуда аз вазъи бӯҳронӣ берун оянд ва худро муҳофизат кунанд.

Тренери асосии ҷанбаҳои рӯзноманигорӣ Улуғбек Бобоқулов, сардабири нашрияи «МК-Азия» буд. «Амнияти рӯзноманигорон, бешак, мавзӯи доғ аст, зеро дар шароити бӯҳронӣ рӯзноманигор аксаран манбаъи ягонаи иттилоъ аст. Хеле муҳим аст, ки ӯ тавонад на фақат сиҳату саломат аз вазъи бӯҳронӣ ё фавқулодда берун ояд, балки ҳамчунин иттилои ба даст овардаро ҳифз кунад», - мегӯяд тренер.

# КОРШИНОСОН ҚАДАМҲОИ АВВАЛИНИ ҚИРҒИЗИСТОН БА СӮИ ПАРЛАМЕНТАРИЗМРО БАРРАСӢ КАРДАНД




Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон баргузории мизҳои гирди видеоӣ тариқи интернетро дар ҳамдастӣ бо Бунёди Карнеги ба хотири сулҳи байнулмилал (Вашингтон) идома медиҳад. Дар раванди баррасиҳо намояндагони аҳзоби умдаи ҶҚ ва таҳлилгарон дар бораи ҳаводиси ҷории Қирғизистон бо ҳамтоёни амрикоии худ — муҳаққиқон ва коршиносони масоили Осиёи Марказӣ табодули назар мекунанд.

Яке аз видеоконфронсҳои охирин, ки 15 октябр баргузор шуд, ба натиҷаҳои интихоботи парлумонии Қирғизистон (12 октябр) бахшида шуд, вақте мардум интихоб мекард, кадом аҳзоб манофеъи онро дар мақомоти қонунгузор намояндагӣ мекунанд. Нозирони байнулмилалӣ ин интихоботро «озодтарин» интихоботи таърихи Қиризистон баҳогузорӣ карданд, аммо теъдоди зиёди аҳзоби ширкаткунанда дар интихоби раъйдиҳандаи оддӣ мушкил меофарид. Дар натиҷа ба парлумони Ҷумҳурии Қирғизистон (Жогорку Кенеш) аз 29 панҷ ҳизб ворид шуданд - «Ата-Журт» (28 ҷой дар парлумон), ҲСДҚ (26), «Ар-Намис» (25), «Республика» (23) ва «Ата-Мекен» (18).

Дар шарҳи натиҷаҳои интихобот бархе аз коршиносон таваҷҷӯҳ ба бархе вижагиҳо ва равандҳо дар сиёсати кишвар карданд. «Дар ин интихобот интизориҳо аз парламентаризм бо дигар раванд — патернализм бартараф шуд» - гуфт мудири маркази «Полис-Азия» Элмира Ногойбаева. Ба назари ӯ, «қисмате аз аҳзоб маҳз ба парлумон дар мавҷи пуштибониҳои вижа ворид шуданд ва (ин раванд боз мушоҳида хоҳад шуд) ин ҳол дар ташкили ҳукумат низ хоҳад буд, зеро акнун аҳзоб (пеши пуштибонҳо) масъулиятҳои худро доранд». Ҳамчунин андешаҳо дар бораи афзудани нақши омили миллатгароӣ дар муборизаи сиёсӣ ва ин ки «қисмати муайяни элитаи қирғиз (пеш аз интихобот) тавонистанд ба ҳам оянд», ки далели ба парлумон роҳ ёфтанашон шуд, баён гаштанд.

Ба ҷуз ин, ба тахмини коршиносон, дар Қирғизистон аз мушкили фаъолияти мӯътадили ҳукумати оянда боназардошти он ки аз чанд ҳизб таркиб хоҳад ёфт, роҳи гурез нест.

Видеоконфронси дигар 6 декабр, баъд аз он ки кӯшиши аввали ташкили аксарияти эътилофӣ дар парлумон барбод рафт, баргузор шуд. Ба назари Ногойбаева, воқеӣ ва муассирии ҳама гуна эътилоф дар шароити ҳозира тахти суол аст, зеро аҳзоб дар бисёр самтҳо мухолифати томи назар доранд. Аммо, ба назари намояндагони як қатор аҳзоби

**НАВГОНИҲОИ ЛОИҲА**

сиёсӣ, ҳаводиси ахир дар кишвар равандҳои мӯътадили гузариш аз як шакли ҳокимият ба дигарашро бозгӯӣ мекунанд. «Мо бори аввал сохтори парлумониро созмон медиҳем. Ба фикрам, таҷрибаи мо кофӣ нест, аммо ин мусибат нест — мо хоҳем омӯхт» - мегӯяд намояндаи парлумон аз фраксияи «Ата-Мекен» Равшан Жеенбеков.

Таҳлилгари сиёсӣ Марс Сариев, дар навбати худ, мегӯяд, «сохти парламентаризм навъи нави сиёсатмадоронро ба вуҷуд меорад», ки бояд созиш ва «шаффоф» кор кунанд. Ба ҷуз ин, ӯ ҳангоми таҳлили муборизаи сиёсии имрӯз дар кишвар ба назар гирифтани онро, ки «моро аз берун месозанд», муҳим шумурд. Ба назар ӯ, нерӯҳои хориҷӣ ба сиёсати хориҷии Қирғизистон таъсири билқувва дошта метавонанд.

Ҳангоми натиҷагирӣ аз мулоқот ширкатдорон зикр карданд, ки мӯътадилии эътилофи ҳукмрон ва муассирии кори ҳукумат дар дурнамои наздиктарин чолиши асосӣ барои кишваре, ки ба субот хеле эҳтиёҷ дорад, буда метавонанд. Аммо дар робита ба интихоботи президентии соли 2011 вусъати муборизаи сиёсӣ боқӣ мемонад, бахусус аз он хотир ки қисмате аз сиёсатмадорон аллайкай аз имрӯз ба интихобот омодагӣ мебинанд.

# СИЛСИЛАИ МИЗҲОИ ГИРД ДАР МАСЪАЛАИ ЗАНОН ВА КӮДАКОНИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Аз 25 ноябр то 6 декабри соли 2010 намояндагии Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо ИҶ «Маркази ҳуқуқи башар» баргузории як силсила мизҳои гирд барои баррасии мушкилоти доғтарини занон ва кӯдакони муҳоҷирони меҳнатиро дар шаҳрҳои Хуҷанд, Хоруғ, Қурғонтеппа, Тоҷикобод ва Душанбе ташкил кард.

Дар давоми мизҳои гирд, ки бо ширкати беш аз 150 намояндаи қишрҳои гуногуни ҷомеа, мақомоти сохторҳои маҳаллӣ, ҳомиёни ҳуқуқ ва рӯзноманигорон, ҳамчунин намояндагони созмонҳои байнулмилалӣ баргузор шуданд, мушкилоти таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ ба институти оила дар Тоҷикистон баррасӣ шуданд.

Тибқи иттилои Хадамоти федеролии Федератсияи Русия, аз 1 январ то 20 октябри соли 2010 ба қаламрави Русия аз Тоҷикистон 929 ҳазор нафар ворид шудаанд. Аксарияти кулли онҳо барои ҷустуҷӯи кор рафтаанд. Тибқи омори расмии Русия, ҳамасола муҳоҷирини меҳнатӣ аз Тоҷикистон то 2 миллиард доллар ба ватан интиқол медиҳанд, ки 40% даромади ҶТ-ро ташкил мекунад.

Ширкатдорон зикр карданд, ки яке аз асароти манфии муҳоҷирати меҳнатӣ заиф шудани робитаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа аст. Заъфи робитаҳои иҷтимоӣ ба афзоиши теъдоди оилаҳои вайроншуда меорад, ки дар навбати аввал, ба вазъи занон таъсири манфӣ мерасонад. Онҳо бо як қатор мушкилоти иҷтимоӣ, молӣ, манзилӣ ва иқтисодӣ мувоҷеҳ мешаванд. Гузашта аз ин, дар натиҷаи пошхӯрии оила теъдоди бачаҳои бесаробон меафзояд ва бачагони ин гуна оилаҳо, тибқи маъмул, ба гурӯҳи хатар ворид мешаванд.

«Тоҷикистон бо ҳалли мушкили муҳоҷирати меҳнатӣ, бешак, бояд тадобири васеъеро рӯи даст гирад, ки на фақат ҳалли ҳимояти ҳуқуқи муҳоҷирон дар кишварҳои будубош, балки манофеъи аъзои оилаи онҳо дар Тоҷикистонро низ дар назар дошта бошад», - мегӯяд раҳбари созмони ғайридавлатии «Перспектива Плюс», Ойниҳол Бобоназарова.

Ҳангоми баррасиҳо дар ин мулоқотҳо тавсияҳои зарурӣ барои беҳбуди вазъи ҳукмрон омода шуданд. Тавсияҳо дар оянда ба ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамаи дигар созмонҳои манфиатдор фиристода хоҳанд шуд.

# МИЗИ ГИРДИ «ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ КӮДАКОН» ДАР ШИМКЕНТ

7 декабр дар Шимкент дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таълими ҳуқуқӣ тариқи ВАО дар Осиёи Марказӣ» мизи гирди «Ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон» бо ибтикори Институти инъикоси ҷанг ва сулҳ (IWPR) дар Қазоқистон ва созмони ҳифзи ҳуқуқи «Медиа Онтустик» баргузор шуд.

Дар чорабинӣ намояндагони сохторҳои давлатии вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ, аз чумла Комиссияи ҳуқуқи занон ва кӯдакони назди маъмурияти вилоят, Хадамоти давлатии кор бо ноболиғон, ҳамчунин созмонҳои ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ ва ВАО иштирок карданд.

Вазифаи мизи гирд тамаркуз додани таваҷҷӯҳи мақомоти салоҳиятдор ва созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки дар минтақаҳо бо ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон машғуланд, ба ҳалли масоили доғи соҳа — ҳифзи ҳуқуқ ва манофеъи кӯдаконе, ки аз саробонии волидайн маҳрум мондаанд, муносибати дурушт бо кӯдакон, дастрасӣ ба мактаб, муассирии механизмҳои ҳуқуқии давлатӣ буд.

Дар натиҷа тавсияҳо барои мақомоти маҳаллӣ ва марказии ҳукумат - такмил додани қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон, тасвиби Эъломияи байнулмилалии ҳифзи кӯдакон, таъсис додани мақоми Омбудсмени ҳуқуқи кӯдакон, роҳандозии судҳои махсуси «ювеналӣ» ва таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардан ба инъикоси мушкилоти ҳуқуқи кӯдакон дар ВАО - қабул шуданд.

## МУСОҲИБАИ РӮЗ

# ҲУҚУҚИ ӮЗБЕКҲО ДАР ҶАНУБИ ҚИРҒИЗИСТОН БОЯД БАРҚАРОР ШАВАНД



*«Мақомоти Қиргизистон дар навбати аввал бояд амнияти равандҳои судии ҳаводиси июн дар ҷануби кишварро, ки муттаҳамони асосӣ ӯзбекҳо эълон шудаанд, таъмин кунанд». Ин фикрро 5 декабр дар сӯҳбат бо NBCA Рейчел Денбер, муовини мудири Шӯъбаи Аврупо ва Осиёи Маркази созмони байнулмилалии ҳифзи ҳуқуқ Ҳюман Райтс Вотч (Human Rights Watch) баён кард.*

*Ба андешаи намояндаи Ҳюман Райтс Вотч, ба ҳуқуқи ӯзбекҳои Қиргизистон ҳамчунин вуҷуд надоштани маълумоти расмии воқеӣ дар бораи ҳаводиси моҳи июн, беҷазо мондани гунаҳкорони асосӣ ва дастандаркорони зӯроварӣ таъсири манфӣ мерасонад*

**IWPR:** Фаъолони ҷануби Қирғизистон дар бораи нақзи ҳуқуқҳои ӯзбекҳо иттилоъ медиҳанд, дар ҳоле ки мақомоти расмӣ мегӯянд, ин гуна маворид вуҷуд надоранд. Ҳомиёни ҳуқуқи Ҳюман Райтс Вотч, ки бо мониторинги вазъ ва пайгирии равандҳои судӣ дар ин минтақаи Қирғизистон машғуланд, дар ин бора чӣ мушоҳидаҳо доранд?

**Рейчел Денбер:** Мо аллакай мактубе омода кардаем, ки ба ҳукумати нави Қирғизистон баъд аз ташкил шуданаш аз сӯи намояндагони нав интихобшуда мефиристем.

Дар он мо ба адами амнияти муттаҳамон, шоҳидон, вакилони дифоъ, ҳомиёни ҳуқуқ ҳангоми равандҳои судӣ, ки нисбати ҳаводиси Ӯшу Ҷалолобод идома доранд, ишора кардаем.

Ҳюман Райтс Вотч таҳқиқи шиканҷаҳо, бо зӯр ба даст овардани шаҳодати он одамоне, ки новобаста аз далелҳои мӯътамад дар ҷиноят муттаҳам мешаванд, зарур мешуморад.

Мо мақомоти Қирғизистонро ба таъмини амнияти ҳамаи ширкатдорони равандҳои судӣ, ташкили кӯмак ба шоҳидон, вазифадор кардани судяҳо барои вокуниши холисона ба ҳама гуна таҳдидҳо даъват мекунем.

Аммо ин кофӣ нест. Нерӯҳои холиси амниятӣ заруранд, зеро идомаи беҷазо мондан ба авҷи зиддиятҳо мусоидат мекунад. Ҳамаи ин масъалаҳо ба ӯзбекҳо рабт доранд, зеро онҳо гунаҳкорони асосие ҳастанд, ки дар ин парвандаҳо ширкат мекунанд.

Ҳюман Райтс Вотч чанд далел меорад, ки ба мушоҳидаҳои муҳаққиқони созмон, ҳангоми равандҳои судӣ онҳо шоҳиди ҳамлаҳо ба муттаҳамон, вакилони дифоъ ва хешовандони онҳо буданд. Масалан, дар судҳои 13 октябр, 4 ноябр соли 2010 ин ҳодисаҳо ба назар расидаанд.

Изҳороти гуногун, ки аз сӯи афроди расмии ҳукумат садо доданд, собит мекунанд, ки каҷравиҳои қавмӣ дар таҳқиқи ҳаводис ва пайгардиҳои судии ӯзбекҳо вуҷуд надошт. Масалан, моҳи ноябр президент ҶҚ Роза Отунбаева гуфт: «Дар равандҳои судии ҷануби Қирғизистон нақзи ҳуқуқи аҳолии ӯзбек набуд».

Аммо мониторинг ба акси ҳол ишора мекунад: ҳангоми равандҳо судҳо бетараф набуданд. Моҳи август прокуратураи Қирғизистон муттаҳаммонро эълон кард, ки аз 243 нафар 29 нафар - қирғиз ва беш аз 200 нафари дигар ӯзбеканд.

Дар минтақаи Ӯш, ба гуфтаи Отунбоева, 100 ӯзбек барои даст доштан дар беназмиҳои моҳи июн муттаҳам шудаанд, дар ҳоле ки теъдоди гунаҳкорон аз ҷумлаи қирғизҳо ҳамагӣ 9 нафар аст.

**МУСОҲИБАИ РӮЗ**



Таҳқиқи хусусии Ҳюман Райтс Вотч нишон дод, ки силсилаи ҷиноятҳо ҳам аз сӯи қирғизҳо ва ҳам ӯзбекҳо содир шудааст, аммо қисмати умдаи боздоштшудагон ва қурбониёнро ӯзбекҳо ташкил медиҳанд.

Аз адами амният дар судҳо кӣ ранҷ мекашад? Ҳама ӯзбекҳоянд: муттаҳамон, шоҳидон, пайвандон, ҳуқуқшиносон. Аммо прокуратура иттилоъ дод, ки ҳамаи одамон пеши қонун баробаранд ва аз ин хотир, қавмият ба назар гирифта намешавад.

**IWPR:** Ҳоло мақомоти Қирғизистон мегӯянд: мо одамонро ба ӯзбеку қирғиз тақсим намекунем, ҳамаи онҳо шаҳрванди кишвари мо ҳастанд ва бояд ҳамчун шаҳрванд масъулият дошта бошанд.

**Денбер:** Вақте ҳукумат мегӯяд, ки қавмиятро намебинад, маълум мешавад, чизеро пинҳон медорад, шояд пушти ин ғайривоқеъбинӣ ниҳон аст ва ин баҳогузории воқеии вазъиятро ғайриимконпазир мекунад.

Ҷомеаи ҳомиёни ҳуқуқ инро меомӯзад ва бо таҳлили гузашта дарёфтем, ки ин гуна сӯҳбатҳои афроди расмӣ ба ҷуз сухани зебо чизе беш нестанд. Ин хулоса аз он бармеояд, ки мақомот аз рӯи далелҳои мавҷуда маълумоти воқеӣ ҷамъ намеоранд, таҳқиқи одилонаи зӯроварии моҳи июнро роҳандозӣ намекунанд, ки бебаҳс, даргирии миёни ду гурӯҳи қавмӣ буд.

Шояд решаи ин зиддиятҳо қавмӣ набуд, эҳтимол дорад хеле амиқтар ҳастанд, аммо даргириҳо байни ду қавм рух доданд ва ҳоло ба гумон аст, ки ҳукумат "бо доман офтобро пӯшида тавонад". Маълумоти мавҷуда ба таври кофӣ бармало ба бетаносубии ҳам шумораи парвандаҳои ҷиноӣ, ки алайҳи ӯзбекҳо боз шудаанд ва ҳам мӯҳлатҳои ба онҳо додашуда ишора мекунанд. Каҷравиҳо ҳастанд.

**IWPR:** Ҳомиёни ҳуқуқ дар бораи адами дастрасӣ ба хадамоти тиббӣ ба бархе захмиён зӯровариҳо дар Ӯшу Ҷалолобод иттилоъ медиҳанд, ки то ба ҳол дар хонаҳои худ қарор доранд ва аз муроҷиат барои кӯмак ба пизишкони маҳаллӣ метарсанд. Шумо чӣ маълумот доред?

**Денбер:** Ин гуна далелҳо моҳи август сабт шуда буданд, ки бояд мӯшикофона таҳқиқ шаванд.

**IWPR:** Аъзои Комиссияи мустақлили байнулмилалӣ (Kyrgyzstan International Inquiry Comission), ки ҳоло дар ҷануб фаъолият дорад, хабар доданд, ки ҳисоботи онҳо шояд то нимаи декабр омода шавад. Ба назари шумо, интишори он ба қазияи ӯзбекҳо метавонад таъсир расонад?

**Денбер:** Гуфтани он мушкил аст, ки чӣ тавр ин ва ё он иттилоъ, изҳороти алоҳида ба вазъи ӯзбекҳо асар мекунад. Ба фикрам, мо ҳамаро дар кулл меомӯзем. Аммо муҳим вокуниш ба ин гузориш ва ин аст, ки мақомоти қирғиз чӣ иқдомотеро баъд аз омӯхтани ҳисобот мегиранд.

Сӯҳбати **Инга Сикорская**, муҳаррири аршади IWPR оид ба маоили Ӯзбекистон ва Туркманистон

*Ин матлаб дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳисоботи хабарии Осиёи Марказӣ», омода шудааст, ки аз сӯи бунёди National Endowment for Democracy сармоягузорӣ мешавад.*

**МУСОҲИБАИ РӮЗ**

# ӮЗБЕКҲОИ ФИРОРӢ АЗ ҚИРҒИЗИСТОН ХУДРО «ФАРОМӮШШУДА» МЕҲИСОБАНД




*Муҳаммадқодир Қаробоев аллакай панҷ моҳ боз дар ҷумлаи фирориёни боқимонда дар қисмати ӯзбекии водии Фарғона ба сар мебарад, ки тобистон, баъд аз даргириҳои хунини ҷануби Қирғизистон, ба ин ҷо фирор кардаанд. Дар сӯҳбат бо NBCA ӯ дар бораи он сӯҳбат кард, ки фирориёни ғайриқонунӣ чӣ рӯзу рӯзгор доранд ва чаро намехоҳанд ба ватани худ баргарданд.*

**Муҳаммадқодир Қаробоев:** Аз рӯи ҳисобҳои мо беш аз ду ҳазор фирорӣ боқӣ мондаанд, ки дар манозили шиносҳо ва наздикони худ дар вилоятҳои Андиҷон, Намангон ва Фарғона паноҳ бурдаанд. Ин одамон аз ҷумлаи ҳамон 100 ҳазор ӯзбеке ҳастанд, ки баъд аз зӯроварии қавмӣ дар вилоятҳои Ӯш ва Ҷалолободи Қирғизистон дар моҳҳои июну июли соли равон ба Ӯзбекистон фирор кардаанд. Ҳамчунин дар миёни онҳо ӯзбекҳои на фақат ин манотиқ, балки дигар вилоятҳои ҶҚ низ ҳастанд.

**IWPR:** Ин одамон чӣ вазъ доранд?

**Қаробоев:** Гурӯҳи фирориён омехта аст. Дар миёни онҳо одамони солим ҳастанд ва низ онҳое, ки оҷилан ба кӯмаки тиббӣ ниёз доранд. Аксари онҳо ҳамроҳи пайвандонашон ба сар мебаранд, дигарон хона иҷора гирифтаанд ва бо ҳамин роҳ мекӯшанд зиндагӣ кунанд. Бархеро тавонистанд ба Русия фиристанд.

**IWPR:** Ҳанӯз тобистон мақомоти қирғиз эълом дошта буданд, ки фирориён ба ҷойҳои худ баргаштанд ва ба онҳо кӯмаки тиббӣ расонида, манзилҳои муваққатӣ сохта мешавад. Барои чӣ онҳое, ки аз рӯи маълумо-

**МУСОҲИБАИ РӮЗ**



ти шумо, ҳанӯз дар ҳудуди Ӯзбекистон мондаанд, ба хона барнагаштанд?

**Қаробоев:** Ҳоло ин мардум аз бозгашт ба ҷануби Қирғизистон, ки хонаҳояшон сӯхта, наздиконашон кушта шудаанд, метарсанд, зеро он ҷо то ба ҳоло оромӣ нест ва касе замонати амнияти онҳоро дода наметавонад. Агар дар хотир дошта бошед, моҳи июн бархе аз занони мо кӯшиш карданд, ки ба ватан баргарданд, аммо он ҷо зӯроварӣ алайҳи ӯзбекҳо, рабудани одамон дар авҷ буд ва аксари онҳо ба хулосае омаданд, ки такроран ба Ӯзбекистон фирор кунанд, зеро ин ҷо оромтар аст. Аммо онҳое, ки дар Қирғизистон монданд, фикр доштанд, ки ҳукумат онҳоро ҳимоят мекунад, вале ҳоло ба ҳукми сарнавишт вогузор шудаанд.

**IWPR:** Ҷамоаи шумо, ки амалан дар вазъи ғайриқонунӣ дар Ӯзбекистон қарор дорад, чӣ ният дорад?

**Қаробоев:** Муддати дароз бар ин умед будем, ки дар ватани мо, дар Қирғизистон субот пойдор мешавад. Аммо ҳоло ба ҳукумат бовар надорем, зеро ба мо хабар медиҳанд, ки дар ҷануб гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ дасти боз дошта, ӯзбекҳоро таҳти фишор қарор додаанд. Мо дар бораи пайгардиҳои судӣ ва батангкуниҳо хабар дорем.

Мо ба умеде будем, ки дар нишасти САҲА дар Остона, ки дар он ҳомиёни ҳуқуқи Қирғизистону Ӯзбекистон ҳам ширкат доштанд, вазъи мо баррасӣ мешавад, аммо тавре маълум шуд, ҳатто ҳомиёни ҳуқуқи қирғиз наметавонанд ба вазъ таъсир расонанд, зеро аз амнияти худ хавф доранд, агар масъалаи ӯзбекҳоро матраҳ кунанд.

Як умеди кӯчак рӯзҳои ахир баъд аз ҳамоиши СПАД (ОДКБ, 14 декабр) пайдо шуд: мақомоти қирғиз ба ҷунбиш омаданд, ҳатто миёнаравҳо пайдо шуданд, ки ба мо мулоқот ва музокиротро пешниҳод мекунанд. Аммо мушкил дар он аст, ки эътимоди мо ба онҳо костааст. Оно метавонанд як чӣ ваъда карда, аммо кори дигар кунанд.

**IWPR:** Дар кадом шароит гурӯҳи фирориён метавонад ба ҷойҳои пешин баргардад?

**Қаробоев:** Дар ин бора сӯҳбат кардан мушкил аст, зеро дар вазъи имрӯз касе ба мо кафолат дода наметавонад. Вақте баъд аз фоҷиаи июн ба Андиҷон барои мулоқот бо ҳокими маҳаллӣ ва фирориён (эзоҳи 22 июли соли 2010) волии вилояти Ҷалолободи ҶҚ Бектур Асанов омад, ваъда дод, ки дар қаламрави Қирғизистон ӯзбекҳоро касе кор намегирад, гуфт, ки вазъ таҳти назорат аст. Аммо ба мо иттилоъ медиҳанд, ки то ба ҳол назорат нест, бисёри ӯзбекҳо таҳти шубҳа қарор доранд, боздошт мешаванд ва ҳатто милисаҳо мегӯянд, ки амри ғайрирасмиеро дар бораи «танг кардани» ӯзбекҳо дар даст доранд. Ба ҷуз ин, баъд аз куштори садҳо ӯзбек, вақте беназмиҳо бо кӯмаки силоҳи сақила, мусалсал ва норинҷакандозҳо пахш мешуданд, касе аз ҷинояткорон муҷозот нашуд. Аммо миёни ӯзбекҳо онҳое ҳастанд, ки барои ширкат дар беназмиҳо маҳкум шуданд. Маълум мешавад, маҳз ӯзбекҳоро мешавад зуд дастгир кард ва қотил унвон кард, барои он ки хонаҳову фарзандонашонро аз зӯроварон муҳофизат кардаанд. Аммо онҳое, ки ин беназмиро ба вуҷуд оварданд, то ба ҳол дар озодиянд.

**IWPR:** Мақомоти ӯзбек ба ин далел, ки дар ҳудуди онҳо то ба ҳол гурӯҳи фирориёни қирғизистонӣ ба сар мебаранд, чӣ назар доранд?

**Қаробоев:** Ҳукумати маҳаллӣ ба мо кӯмаке намекунад. Дақиқан чанд рӯзи пеш ба намояндагии байнулмилалии Ҳилоли Аҳмар дар Тошканд муроҷиат кардем, то ба мо доруворӣ, ғизоъ ва либоси гарм диҳанд, зеро фирориён дигар чизе надоранд. Мо ба созмонҳои байнулмилалии СММ, САҲА ва ИА муроҷиат кардем, чанд маротиба бо намояндаҳои сохторҳои хориҷӣ муроҷаит кардем, бо онҳо мушкилоти худро ба миён гузоштем, аммо масъала то ба ҳол ҳалли худро намеёбад. Мо намедонем чӣ кор кунем.

*Ин мавод дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳисоботи хабарии Осиёи Марказӣ» омода шудааст, ки аз сӯи бунёди National Endowment for Democracy сармоягузорӣ мешавад.*

## ГУЗОРИШИ МАХСУС

# ФАҚР БА ИСТИФОДАИ МЕҲНАТИ КӮДАКОН ДАР ҚИРҒИЗИСТОН ВОДОР МЕКУНАД



*Зиндагии мушкил кӯдаконро маҷбур кардааст, ки ба хотири кор мактабро тарк кунанд*

«Роҳ диҳед, роҳ диҳед!» - фарёд мезанад навраси лоғар, ки бо аробаи пур аз сабзавот дар бозори деҳқонии Бишкек, пойтахти кишвари Осиёи Марказӣ - Қирғизистон барои худ роҳ боз мекунад.

Ба назар мерасад, ки Нурлани ҳамагӣ 15 - сола, устоди кори худ аст. Ҳамин тавр ҳам ҳаст, зеро ӯ ду сол аст, ки бо аробааш бор мекашад.

Ӯ соати панҷи субҳ бедор мешавад, аммо як соат пас аллакай аробаеро ба киро мегирад ва ба кор шурӯъ мекунад. Нурлан харидҳои то 100 килоро аз ғурфаҳои бозор то худравҳои харидорон меорад, аммо баъзан ба бозори дигар ҳам интиқол медиҳад, ки 20 дақиқа роҳ аз ин бозор аст.

Вобаста ба фасли сол фақат дар ҳамин бозор аз 150 то 200 аробакаши наврас кор мекунанд. Ҳамчунин манзара дар дигар бозорҳои саросари Қирғизистон ба назар мерасад. Ҳарчанд дар ин бозор аробакаши аз ҳама хурд 14 сол дорад, маълум аст, ки дар бозорҳои дигар бо ин кор кӯдакони аз 10 - сола поён ҳам машғуланд.

Қиссаи Нурлан комилан муқаррарист. Падараш менӯшид, модараш Кенже бо фарзандон шавҳарро тарк кард, ки Нурлан аз ҳама калонӣ аст. Ду сол пеш оилаи онҳо аз як деҳаи вилояти Чуй барои зиндагии беҳтар ба марказ кӯчид.

«Вақте бо модарам ва бародаронам ба Бишкек кӯчидем, ман зуд пайи ҷустуҷӯи кор шудам. Хеле мехостам, ки ба модарам кӯмак кунам, - ба хотир меорад Нурлан. – Тағоям аробакашӣ дар бозори сабзавотро маслиҳат дода, гуфт, ки ин ҷо бачаҳо хуб даромад доранд. Албатта, огоҳ кард, ки кори вазнин аст, аммо ин маро нигарон намекард – ман бояд як бурда нон меёфтам».

Нурлан вазнинии корашро эътироф мекунад. Ӯ аз беэҳтиромиҳо ба кори худ дар бозор низ ишора мекунад.

«Дар давоми кори аробакашиам ба ин чиз одат кардаам, ки ба ман ҳамчун ба хари боркаш муносибат мекунанд ва бебаҳс фарёдҳои омиронаи супоришгаронро мебардорам, - гуфт вай. – Бисёр мехоҳам аз ин вазъи паст берун оям, пул ҷамъ кунам, маълумот гирам ва кори дигареро пайдо намоям, аммо ҳоло ба ин вазъ бояд тоқат кард».

Ҳоло Нурлан бояд дар синфи ҳаштуми мактаби миёна таҳсил кунад, аммо соле пеш таҳсилро тарк намуд, то тамоми рӯз бо аробакашӣ машғул бошад. Ӯ мехоҳад таҳсилашро идома диҳад, аммо мефаҳмад, ки ба зудтарин фурсат даст додани ин гуна имкон ба гумон аст.

Оилаи ӯ аз он 10 – 15 долларе, ки ҳар рӯз пайдо мекунад ва ба хона меорад, сахт вобаста аст. Якҷо бо музди меҳнати модараш аз фурӯши ғизоъ дар бозор даромади умумии оила моҳона ҳудуди 174 долларро ташкил медиҳад, ки 55 доллари он барои иҷораи манзил пардохт мешавад.

Кенже аз он ки Нурланро наметавонад ба мактаб фиристад, изҳори таассуф мекунад, аммо мегӯяд, оилаи онҳо ба деҳа пеши шавҳараш, ки «чизҳои хонаро сарфи арақ мекунад ва фарзандонро мезанад», барнамегардад.

«Ин ҷо мо якҷо метавонем аз фақр худро берун кашем», - гуфт вай. Баъд аз ин суҳбат Кенже дар корхонаи дӯзандагӣ  кори наверо бо музди бештар пайдо кард ва вазъи оилааш андак беҳбуд ёфт.

**ГУЗОРИШИ МАХСУС**

## АЗ ДАҲ ЧОР КӮДАК БО КОР МАШҒУЛАНД

То ҳол иттилои пурра дар бораи теъдоди кӯдакони коргар вуҷуд надорад. Маълумоти ягонаи дастрас аз соли 2007 аст. Тибқи ин омор, беш аз 40% кӯдакон дар Қирғизистон то ҳадде машғули коранд. Аз ин маълумот рӯшан нест, ки чанд дарсади кӯдакон рӯзи кори нопурра доранд ва таҳсилро идома медиҳанд.

Таҳқиқе, ки Маркази омӯзиши афкори умум «Эл Пикир» дар ҳамдастӣ бо ЮНИСЕФ гузаронд, нишон дод, ки беш аз 40 ҳазор кӯдак аз шумораи умумии томактабиён гоҳ-гоҳ ва ё умуман дар соли 2007 мактаб нарафтаанд. Як қатор СҒД бар инанд, ки арқоми воқеӣ се баробар зиёданд, яъне 14 дарсади кӯдакон таҳсил намекунанд.

Дар намояндагии Созмони байнулмилалии шуғл (СБШ) ба IWPR гуфтанд, аз рӯи иттилои ҷамъовардаи СҒД, 120 ҳазор кӯдак ба мактаб намераванд, ки се баробар зиёд аз иттилои «Эл Пикир» аст.

«Дар Қирғизистон дар бораи кӯдакони машғул омори расмӣ вуҷуд надорад, - мегӯяд Ирина Карамушкина, узви нав интихобшудаи парлумон, ки қаблан вазифаи муовини вазири маорифро ба зимма дошт. – Аксарияти кулли раҳбарони маҳаллӣ (яъне сарварони раёсатҳои вилоятии маориф) аз он метарсанд, ки агар онҳо арқомро он тавре ки ҳаст, нишон диҳанд, аз кор ронда хоҳанд шуд. Аз ин хотир, ин кӯдаконро то ба ҳол касе ҳисоб накардааст».

Конститутсияи Қирғизистон истифодаи меҳнати кӯдакро манъ кардааст. Кишвар санадҳои калидии байнулмилалӣ – Эъломияи СММ дар бораи ҳуқуқи кӯдак, Эъломии СБШ (Созмони байнулмилалии шуғл) дар бораи синни ақалли қабул ба кор, ҳамчунин Эъломияи СБШ дар бораи манъ ва тадобири фаврии решакан кардани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакро ба тасвиб расондааст.

Дар қонунгузории миллӣ дақиқан омадааст, ки корфармо наметавонад шаҳрвандони аз 16 ё 15 – сола (дар ҳолоти истисноӣ) хурдро ба кор қабул кунад.

Мушкил дар ин аст, ки кӯдакон мисли калонсолони машғул дар иқтисоди соягӣ пӯшида амал мекунанд. Ба онҳо дар қиёс ба калонсолон камтар музд медиҳанд ва онҳо гапдаротар ҳастанд, зеро ҳуқуқҳои худро намедонанд.

«Кӯдакони аробакаш, ки дар бозорҳо машғуланд, бо кирогарон созишномаи хаттии корӣ надоранд ва аз рӯи тавофуқи шифоҳӣ кор мекунанд, зеро қонун истифодаи меҳнати кӯдаконро, бахусус дар шаклҳои бадтаринаш, манъ мекунад ва дар аробакашӣ ба кӯдак зарур меояд, ки борҳои вазнинро кашад», - гуфт ба IWPR Амина Қурбонова, намояндаи СБШ дар Қирғизистон.

Корҳои дигаре, ки кӯдакон иҷро мекунанд, ҷамъоварии ахлот, фурӯхтани мол дар бозорҳо ва мошиншӯиро дарбар мегирад. Тавре Қурбонова зикр кард, дар бархе мавориди ташвишовар кӯдакон корҳои хеле хатарнок, ба монанди ангиштканӣ ва ё ҷустуҷӯи оҳанпора дар партовгоҳҳои тарк-шудаи уранро низ анҷом медиҳанд.

## МЕҲНАТИ КӮДАКОН ДАР ДЕҲОТ АМРИ МАЪМУЛИСТ

Яке аз соҳахои асосии ба кор бурдани меҳнати кӯдакон, ки барои сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ низ мушкил офаридааст, кишоварзӣ аст. На ҳамеша рӯшан аст, оё кӯдак барои падару модар кори тасодуфиеро анҷом медиҳад, ки комилан аз рӯи ҳама меъёр пазируфт шудааст, ё ба таври муназзам соатҳо бо кори вазнин машғул аст.

Карамушкина мегӯяд, вақте бархе кӯдакон мехоҳанд ба падару модар кӯмак кунанд, ин тавр ҳам мешавад, ки «кӯдакон хондан мехоҳанд, аммо волидайн онҳоро маҷбур ба кор мекунанд».

Тавре Карамушкина зикр кард, ғайрирасмӣ кӯдакон он замон ҳам кор мекарданд, ки Қирғизистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ буд, бахусус вақте зарурат барои нерӯи иловагӣ дар майдонҳои пахтаву тамокуи давлат пайдо мешуд.

Кокуш Сагиналиева, омӯзгори бознишаста, мегӯяд, вазининиҳои ҳамешагии зиндагӣ муносибат ба меҳнати кӯдаконро бадтар карданд.

«Қаблан кӯдак бо кӯмак ба волидайн ва хешовандон барои зиндагии мустақилона дарсҳои зарурӣ мегирифт, - гуфт вай ва зикр кард, ки анҷоми корҳои хонагӣ таҷрибаи хуб ҳисобида мешуд. – Меҳнати кӯдакро калонсолон қадр ва қабул мекарданд, аммо миёни кӯмак ва истисмор марзе ҳаст. Мутаассифона, солҳои охир… ба фақри саросарии аҳолӣ оварданд ва аз шуури калонсолон ин марз зудуда шуд. Ҳоло кӯдаконро ба маънои том ба меҳнати ғуломона тела медиҳанд. Кӣ гунаҳгор? Давлат? Волидайн? Онҳое, ки кӯдаконро истисмор мекунанд? Ба фикрам, ҳамаи онҳо».

Нурболсуни 15-сола аз деҳаи Кен-Арали вилояти Талас дар шимоли Қирғизистон, коргари навраси оддии деҳотӣ аст. Одатан ӯ ба мактаб меравад, аммо дар мавсими киштукори баҳорӣ ва ҷамъоварии ҳосил дар тирамоҳ ӯ комилан дарс намеравад.

«Баҳору тирамоҳ ҳамаи ҳамсинфони ман дар саҳроянд», - гуфт вай ва афзуд, дар ин вақт омӯзгорон ҳам ба кор намеоянд.

Нурболсун дар қитъаи замини оилаашон кор мекунад. Дар он лубиё мекоранд, ки даромади асосии оила аст. Ба ҷуз ин наврас парвариши чорво ва кишти картошкаро низ ба зимма дорад.

«Ман аз хурдсолӣ – синни 7-8 – солагӣ дар саҳро кор мекунам, - гуфт вай. – Ҳоло ҳамаи корҳои хоҷагӣ ба зиммаи ман аст. Мактаб намеравам, вақт нест».

Бояд зикр кард, ки Нурболсун зодаи оилаи соҳибмаълумот аст. Падараш иқтисоддони дипломдор, аммо дар саҳро кор мекунад, зеро шуғле аз рӯи ихтисос пайдо карда наметавонад. Модараш омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аст, ки даромади бисёр надорад. Онҳо панҷ фарзанд доранд ва як бибӣ, ки нафақаи андаке мегирад.

Бобои марҳуми Нурболсун мудири мактаб буд ва худи ӯ низ як замон орзуи идома додани роҳи бобояшро дошт. Ҳарчанд ба ӯ таҳсил дар мактаб маъқул буд, хуб дарк мекунад, ки аз дарсҳо хеле қафо мондааст ва саводи ӯ кофӣ нахоҳад буд. Аз ин хотир, ният дорад тиҷорати хурдро пеш гирад, ё қаҳвахона бунёд кунад, ё вақте пурра ба балоғат расид, заминашро иҷора диҳад.

Коршиносон мегӯянд, ин гуна аздарсмониҳо дар мактаб боиси ба миён омадани як насли бад таҳсилдида ва коҳиши сатҳи саводнокӣ мешавад, ки барои берун шудани ин гуна одамон аз фақр имкон намедиҳад.

«Таҷрибаи меҳнати беназорат ба сатҳи савод ва дар ҳолатҳои алоҳида ба саломатии кӯдакон зиён мерасонад», - мегӯяд ҳомии мустақили ҳуқуқ Елена Воронина.

**ГУЗОРИШИ МАХСУС**



БАРХӮРДИ НАРМИ МАҚОМОТИ ПЕШИН БА КОРФАРМОЁН

Имрӯз қисмати бузурги кор бо меҳнати кӯдакон аз сӯи созмонҳои ғайридавлатӣ ба анҷом мерасад. Бо ин вуҷуд, коршиносон ин фикрро таъйид мекунанд, ки ҳалли мушкил тамаркузи кӯшишҳои муассисаҳои давлатӣ ва фаҳмидани ин далел аз сӯи волидайн аст, ки меҳнати ҷисмонӣ аз кӯмаки гоҳгоҳии ихтиёрӣ фарқ дорад.

Ба гуфтаи Карамушкина, масъалаи меҳнати кӯдакон дар соҳаи кишоварзӣ он қадар ҳассос аст, ки иродаи сиёсӣ ҳангоми амалӣ кардани қонунҳои мувофиқ заиф мешавад. Аз ҷумла ҳукуматҳои маҳаллӣ аз фишор болои хоҷагиҳои фермерӣ ва соҳибкории дигар метарсанд, вале ахириҳо дар истифодаи меҳнати арзон манфиатдоранд.

«Қабули қарорро ҳеҷ кас иродаи ба зимма гирифтанро надорад, зеро ин ҳуҷҷатест, ки ба иҷро кардан вазифадор мекунад», - гуфт вай.

Азиз Аҳмадов, раҳбари биржаи шуғли ҷавонони вазорати меҳнат, шуғл ва муҳоҷират гуфт, мавориди хеле ками ба ҷавобгарӣ кашидани корфармоёне ҷой дорад, ки меҳнати кӯдаконро истифода мекунанд.

«Ҳоло хадамоти мухталифи давлатӣ вуҷуд доранд, аммо амалан дар бозорҳои кишвар ва дигар бахшҳои иқтисодиёт кӯдакон корҳои ҳаҷман бузургро анҷом медиҳанд, борҳои калонро мекашанд, ки барои саломатии кӯдак иҷоза нест ва ин беҷазо боқӣ мемонад» - гуфт Аҳмадов.

Узви созмони ҷавонон, ки нахост номаш ошкор шавад, гуфт, фасод хеле густарда аст ва аз ҷазо метавон ба осонӣ раҳо ёфт.

«Ҳатто агар ба назди ӯ (корфармо) барои тафтиш оянд, вай ҳамеша метавонад бо пора халос шавад» - гуфт вай.

Ба гуфтаи Карамушкина, зарурати дахолати як қатор муассисаи давлатӣ – вазоратҳои тандурустӣ, маориф, корҳои ҷавонон, пеш аз ҳама Департаменти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар назди вазорати меҳнат, шуғл ва муҳоҷират зарур аст. Вай таъкид мекунад, ки ин департамент ба таври кофӣ муассир нест ва «онҳо танҳо ба мизи гирдҳо меравандy чизе мегӯянд, аммо на аз ин беш».

Карамушкина гуфт, ҳукумати нав, ки ҳоло ташкил мешавад, бешак масъалаи меҳнати кӯдаконро ба рӯзномаи кори худ ворид мекунад ва огоҳ кард, ки агар Департаменти ҳифзи кӯдакон вазифаҳои худро иҷро накунад, аз мақоми худ дар парлумон истифода намуда, мансаби нави намояндаи махсуси ҳуқуқи кӯдакон дар назди президенти ҶҚ-ро пуштибонӣ хоҳад кард.

Ба гуфтаи Карамушкина, қарорҳои амалӣ дар бораи пӯшонидани камбуди нерӯи корӣ дар мавсимҳои доғи соҳаи кишоварзӣ, масалан, бурдани донишҷӯёни донишгоҳҳо ва омӯзишгоҳҳо ба кори муваққатӣ вуҷуд доранд.

Барои Чолпон Жакупова, раҳбари клиникаи ҳуқуқии «Адилет», ба мактаб рафтани кӯдакон омили муайянкунанда аст.

«Маълумоти бепули ибтидоӣ барои кӯдакон на фақат ҳуқуқ, балки масъулияти кӯдак низ ҳаст. Онҳое, ки ба иҷроиши масъулиятҳои қонунии онҳо монеа мешаванд, худ қонунро нақз мекунанд ва бояд барои ин корашон ҷавобгар бошанд» - гуфт вай.

Аммо сарҳисоби омили калидиеро, ки ба мавҷудияти ин вазъ мусоидат мекунад, яъне фақр, мақомоти Қирғизистон ба гумон аст, ки ба зудӣ раванд. Ҳангоми бӯҳрони мудаввоми иқтисодӣ ҳукумати ҷадид бо зарурати хароҷоти нав барои барқарор кардани ҷануби Қирғизистон, ки шоҳиди зиддиятҳои қавмӣ дар моҳи июн буд, рӯбарӯ шудааст.

Номи бархе аз пурсидашудагон тағйир дода шудаанд.

**Асил Осмоналиева ва Гулзод Абдурасулова**, рӯзноманигорони Қирғизистон, ки дар тренингҳои IWPR ширкат кардаанд.

# ҚАЗОҚИСТОН

# ФИРОРИЁНИ ӮЗБЕК ДАР РӮБАРӮИ ИСТИРДОД АЗ ҚАЗОҚИСТОН



*Мақомоти Қазоқистон новобаста аз тасвиби меъёрҳои байнулмилалӣ қонуни наверо барои фирориён ҷорӣ мекунанд.*

Гурӯҳи фирориён аз Ӯзбекистон дар рӯёрӯи таҳдиди бармалои истирдод шудан ба ватан ҳастанд. Сабаб ба иҷро даромадани қонуну қоидаҳои нав дар Қазоқистон аст, ки ба назар мерасад, аз масъулиятҳои байнулмилалии дар ин кишвар тасвибшудаи кор бо фирориён бартарӣ доранд.

Ҳомиёни ҳуқуқ хавф доранд: агар фирориёне, ки мекӯшанд паноҳгоҳ гиранд, ба Ӯзбекистон баргардонида шаванд, онҳоро боздошт ва шиканҷа мекунанд.

29 шаҳрванди Ӯзбекистон, ки мехостанд мақоми фирорӣ дар Қазоқистонро ба даст оранд, дар қатори 45 нафаре буданд, ки моҳи июн ҳангоми рейди Департаменти корҳои хориҷӣ барои пайдо кардани муҳоҷирони ғайриқонунӣ боздошт шуданд.

15 нафари онҳо баъдан раҳо ёфтанд, аммо 30 нафар дар боздоштгоҳи муваққатӣ ба сар мебаранд, зеро мақомоти Ӯзбекистон истирдоди онҳоро талаб кардаанд.

Мақомоти Ӯзбекистон онҳоро бо як идда қонуншиканиҳо, ба шумули терроризм, ифротгароии динӣ ва узвият дар гурӯҳҳои мамнӯи исломӣ муттаҳам мекунанд. Ин ҳама иттиҳомотро боздоштшудагон инкор менамоянд.

17 тан аз 30 боздоштшуда шаҳодатномаи Раёсати Комиссари олии СММ дар умури паноҳандагонро (РКОП СММ) доранд, ки дар он гуфта шудааст, онҳо ҳамчун афроди паноҳҷӯ сабти ном шудаанд.

Бо ин вуҷуд, аз моҳи январ дар Қазоқистон ҷорӣ шудани қонуни нав, ҳамаи дархостҳо дар бораи додани паноҳгоҳ новобаста аз он ки ба ҳукумат дода мешаванд ё РКОП СММ, аз баррасии комиссияи махсусе мегузаранд, ки қарор дар бораи додан ё надодани мақоми паноҳандагиро ба тасвиб мерасонад.

Моҳи август комиссия кори 30 паноҳандаро баррасӣ ва ҳамаи онҳоро рад кард. Ҳамаи паноҳандагон, ба ҷуз як нафар, дар пайи ба суд бурдани шикоят аз ин қарори комиссия ҳастанд.

Нафари истисноӣ Хуршед Комилов, ӯзбеке буд, ки дар қиёс аз дигарон шаҳрванди Қирғизистон аст, на Ӯзбекистон. Ӯ аз мақомоти Қазоқистон додани паноҳгоҳро хоҳиш накардааст ва моҳи август РКОП СММ мақоми қаблии паноҳандагии ӯро лағв кард.

Бо ин сабаб вакилони дифоъи Комилов натавонистанд аз қарори суд шикоят кунанд ва истирдод амалӣ шуд. 8 сентябр Комилов ба Ӯзбекистон истирдод шуд.

Прокуратураи генералии Қазоқистон дар бораи сабабҳои истирдод шудани ӯ ба Ӯзбекистон, на кишвари худаш, ки шаҳрвандаш аст, тавзеҳ надоданд (Муфассал дар ин бора аз мақолаи «Қазоқистон-Ӯзбекистон: адами иттилоъ дар атрофи истирдоди Комилов»).

Гулсара Алтинбекова, мудири Департаменти кумитаи муҳоҷират дар шаҳри Алмаато дар шарҳе ба IWPR сабабҳои рад шудани дархостҳои пешниҳоди паноҳандагӣ аз сӯи комиссияро номбар кард. «Мо онҳоро наметавонем ҳамчун паноҳанда эътироф кунем, зеро дар кишварҳои худ онҳо дар созмонҳои динӣ ва экстремистӣ ширкат кардаанд» - гуфт вай.

Баробари ба анҷом расидани шикояти онҳо ҳамаи 29 боздоштшуда эҳтимол дорад ба Ӯзбекистон истирдод шаванд.

Ба гуфтаи Денис Дживага, ҳуқуқшиноси Бюрои байнулмилалии ҳуқуқи башар ва риояи қонунҳои Қазоқистон имкони рад шудани қарори комиссия аз сӯи суд кам аст.

Ҳарчанд ҳоло Қазоқистон барои таҳқиқи парвандаҳои паноҳандагон қонуни худро дорад, ин кишвар Эъломияи СММ алайҳи шиканҷаро низ ба тасвиб расондааст, ки масъулиятҳои муайянро ба дӯши он вогузор кардааст. Аз

**ҚАЗОҚИСТОН**




ҷумла, Қазоқистон вазифадор аст афродро ба кишваре, ки нисбаташон «далоили ҷиддии истифодаи шиканҷа алайҳи шахс вуҷуд дорад», ихроҷ ё истирдод накунад.

Далоили ҷиддӣ дар бораи он вуҷуд доранд, ки дар Ӯзбекистон алайҳи боздоштшудагон шиканҷа истифода мешавад, гуфта шудааст дар ҳисоботи Кумитаи СММ алайҳи шиканҷа ва ҳам ҳисоботе, ки фаъолони ӯзбек ба ихтиёри СММ моҳи марти соли равон гузошта шуданд.

Бабар Балох, мутахассиси равобити РКОП СММ, ки дар Женева қарор дорад, ба IWPR гуфт, механизмҳои дифоӣ алайҳи истирдод, новобаста аз тағйироте, ки Қазоқистон дар раванди кор бо муроҷиатҳои фирориён ворид кардааст, қувваи қонунӣ доранд.

«Дар чаҳорҷуби қонуни нави паноҳандагон Қазоқистон аз моҳи январи соли 2010 масъулияти муайян кардани мақоми паноҳандаро ба зимма гирифтааст. Шахс, тибқи қонуни байнулмилалии ҳуқуқи башар, новобаста аз он ки паноҳанда маҳсуб мешавад ё на, дар ҳолатҳои муайян ҳаққи ҳимоят аз истирдодро дорад» - гуфт ӯ.

Ҳомиёни ҳуқуқ дар Қазоқистон ва хориҷ аз он таъйид мекунанд, ки қонуни паноҳандагон дар бархе қисматҳо дақиқ нест ва далелҳои собиткунандае, ки комиссия аз мақомоти ӯзбек дарёфт кардааст, суолҳои ҷиддиеро дар бораи қарори қабулкардааш ба вуҷуд меорад.

Дар мувофиқат бо Эъломияи СММ дар бораи мақоми паноҳандагон, қонуни Қазоқистон низ ихроҷ ва истирдоди шахсонеро, ки ба ҷонашон хатар вуҷуд дорад ва барои ақидаҳои диниву сиёсиашон таъқиб мешаванд, манъ кардааст. Аммо ҳамчунин гуфта мешавад, ки ба муроҷиаткунандагон посухи рад дода мешавад, агар онҳо ба узвият дар «созмони мамнӯъ» муттаҳам шаванд, бидуни дақиқ кардани он ки ин созмон дар Қазоқистон ба монанди дигар кишварҳо мамнӯъ аст ё на.

Намояндаи Федератсияи байнулмилалии ҳуқуқи башар (FIDH) Кэтрин Бут мегӯяд, радди пешниҳоди мақоми паноҳандагӣ ба шахс бар пояи узвият дар созмони динӣ, ки дар ватани ин шахс мамнӯъ аст, хилофи Эъломияи паноҳандагон аст.

«Узвияти онҳо ба ин гурӯҳи динӣ (-и мамнӯъ) метавонад тақаллуб ва бидуни исбот сохта шуда бошад, ки таъқиб барои эътиқоди динӣ мебошад», - гуфт Бут.

Комиссияи Қазоқистон ба назар мерасад умдатан қарори худро бо далоили аз сӯи Ӯзбекистон, кишваре, ки истирдоди паноҳандагонро талаб дорад, асоснок мекунад. Ин рӯйтобии ҷиддӣ аз таҷрибаи РКОП СММ аст, ки дар ҳар




**Дар акс: Пикети пуштибонӣ аз паноҳандагони ӯзбек дар Шветсия.**

маврид дастрас кардани чанд манбаъи иттилоъро талаб мекунад.

Прокуроре аз Алмаато, ки бо пулиси муҳоҷирати Қазоқистон кор мекунад ва нахост номаш зикр шавад, гуфт, сохторҳои қудратӣ вазифадоранд бо ҳамкасбони худ дар дигар кишварҳо ҳамкорӣ кунанд, аммо вай эътироф кард, ки ин вазъ онҳоро як гуна маҳдуд мекунад.

«Мо на ҳуқуқ, на имкони тафтиши онро дорем, ки оё иттиҳом дар бораи ин ки ин шахс ҷиноят содир кардааст, одилона аст ё на, - гуфт ӯ ба IWPR. – Мо вазифадорем ҳар он чиро, ки ҳаст, қабул дорем».

**ҚАЗОҚИСТОН / ҚИРҒИЗИСТОН**

Дживага мегӯяд, комиссияи Қазоқистонро гунаҳкор намекунад, зеро он талаботи қонуни ҷориро иҷро мекунад. Баръакс, мегӯяд ӯ, вазъ бо қонунгузории ғайриқаноатбахш ва адами иродаи сиёсӣ дар ҳукумати Қазоқистон, ки иҷрои масъулиятҳои байнулмилалиро ба зимма гирифтааст, мураккабтар мешавад.

Ҳарчанд қонун ҳадаф гузошта буд, ки вазъ дар Қазоқистонро бо Эъломияи ҳуқуқи башар, ки имзо кардааст, пурра мувофиқ мекунад, хавфи он вуҷуд дорад, ки ин қонун натиҷаи баръакс диҳад ва кишвар ба танзими истирдоди дуҷониба ва минтақавӣ, на масъулиятҳои байнулмилалии ба зиммаш буда арҷ гузорад.

«Рӯшан аст, ки барои кишвари мо созишномаҳои минтақавӣ муҳимтар аз ҳар гуна санадҳои байнулмилалӣ ҳастанд» - гуфт Дживага.

**Андрей Гришин**, корманди Бюрои байнулмилалии
ҳуқуқи башар ва риояи қонун дар Қазоқистон

# ҚИРҒИЗИСТОН

# ЧӢ ТАВР ТЕЪДОДИ ҶИНОЯТҲОИ ТАКРОРӢ МИЁНИ НАВРАСОНРО КОҲИШ БОЯД ДОД?




Навиштаҷоти ҳавлии дарунии маҳбаси Вознесеновка.

Акси Е. Воронина

*Мақомоти Қиргизистон бояд сохтори нигаҳдории ҷинояткорони ноболигро дар маҳкама мӯшикофона омӯзанд, то баъд аз озод шудан ба онҳо кӯмаки мутобиқ шудан ба ҷамъият расонида шавад, мегӯянд коршиносон.*

Маҳкумшудагони зиндони мардона барои ноболиғон маълумоти ибтидоии мактабӣ мегиранд. Имконияти гирифтани маълумоти касбӣ – фаннӣ дар зиндон, мисли барномаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ, нав тавлид мешавад. Вақте баъд аз анҷоми мӯҳлат зиндониёни собиқ ба озодӣ мебароянд, тадобири зарурӣ барои он ки онҳо боз ҷиноят накунанд ва боз паси панҷара нараванд, гирифта намешаванд. Ҳамчунин ба онҳо барои пайдо кардани кор ва аз нав ворид шудан ба ҷомеа базӯр кӯмак мекунанд.

Дар Қирғизистон танҳо як муассисаи мардонаи нигаҳдории ҷиноякорони ноболиғи аз 14 то 18 сола (дар Қирғизистон ҷавобгарии ҷиноӣ аз 14-солагӣ шурӯъ меша-

вад) вуҷуд дорад. 69 писари наврас дар зиндони деҳаи Вознесеновка, 70 – километрии Бишкек ба сар мебаранд. Аксари онҳо барои ҷиноятҳои сабук маҳкум шудаанд.

Зиндон бо девори симхордор печонида шуда, наврасон дар хоначаҳои панҷарадор зиндагӣ мекунанд. Дар ин ҷо мактаб ва майдони футбол низ ҷойгиранд. Зиндон ҳамон мушкилотеро аз сар мегузаронад, ки дигар муассисаҳои ислоҳии Қирғизистон мувоҷеҳ ҳастанд – як қатор биноҳо гармӣ надоранд, маводи ғизоъ намерасад ва бахусус пойафзоли зимистона барои наврасон нест.

Барои духтарони навраси аз 14 то 18-сола муассисаҳои мазкур дар кишвар вуҷуд надоранд, ҳамчунин, ба қавли мақомот, нақшаи кушодани онҳо низ нест. Духтарон алоҳида аз маҳбусони калонсол дар зиндони занонаи воқеъ дар шаҳраки Степноеи вилояти Чуй дар шимоли кишвар нигаҳдорӣ мешаванд.

Ҳоло он ҷо чор духтар нигаҳдорӣ мешаванд, ки барои ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудаанд. Онҳо маълумоти мактабӣ намегиранд, аммо метавонанд аз ҳамчунин навгониҳо, ба монанди, масалан, санъати сартарошӣ таҷриба гиранд. Духтарони наврасе, ки дар ҷиноятҳои сабук муттаҳам мешаванд, маъмулан ҷазои шартӣ ё алтернативӣ мегиранд.

Наврасони ҷинояткори ҳарду ҷинс, ки аз 14-сола поён ҳастанд, маҳкум намешаванд, масъулияти онҳо ба зиммаи хадамоти иҷтимоии маъмуриятҳои маҳаллӣ гузошта мешавад. Кадом як вақт мактаби махсусе барои ин зумра одамон вуҷуд дошт, аммо панҷ сол пеш онро бо тақозои СҒД-ҳои Қирғизистон, ки бар муносибати номувофиқ ба кӯдакон дар ин мактаб таъкид доштанд, баста шуд.

Чолпон Омурканова, мудири бунёди ҷамъиятии «Эгл», ки бо бачаҳои мухолиф бо қонун сарукор дорад, аз ҷумлаи онҳоест, ки мегӯянд, кор бо ҷинояткорони хурдсол бояд ҳангоми дар маҳбас будани онҳо шурӯъ шавад. Аз даҳ бачае, ки аз маҳбаси Вознесеновка ҳар моҳ озод мешаванд, ба зудӣ чор ё панҷ нафар баъд аз содир кардани ҷинояти нав гашта меоянд.

Ба гуфти Омурканова, барномаҳои вижаи кӯмак ба наврасон лозиманд, ки онҳоро ба зиндагӣ дар озодӣ омода кунанд.

«Онҳоро бояд ба ин омода кард, то баъд аз баромадан ба озодӣ дар зиндагӣ ҷои худро пайдо намоянд ва фаҳманд, ки бояд оянда ба куҷо ҳаракат кунанд», - мегӯяд вай.

СҒД-и Омурканова бо тарҳи ташкили аввалин маркази барқароршавӣ барои наврасон машғул аст, ки охири соли равон дар маҳбаси Вонесеновка боз мешавад. Тарҳ дар ҳамдастӣ бо маъмурияти маҳбас ва пуштибонии созмони башардӯстонаи Дания DanChurchAid амалӣ мешавад.

Аксар фаъолони ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҷонибдори ташкили шабакаи марокизи барқароршавии хориҷ аз сохтори ислоҳӣ ҳастанд, ки фақат бо ҷинояткорони хурдсоли озодшуда кор кунанд ва ба онҳо барои ҷустуҷӯи манзилу кор кӯмак расонанд.

Яке аз онҳо Темурбек қизи Муҳаббат, мутахассиси калони Департаменти ҳифзи кӯдакони назди вазорати меҳнат, шуғл ва муҳоҷирати ҶҚ аст, ки мегӯяд, Қирғизистон ба такмили сохтори кор бо ҷинояткорони хурдсол эҳтиёҷ дорад.

«Хеле муҳим аст, ки дар Қирғизистон ҳамчунин хадамоти (давлатии) иҷтимоӣ бо усулҳои барқароршавӣ ва механизмҳои… тарбиявӣ вуҷуд дошта бошад, то ҷинояткори ноболиғро ҳамчун субъекти раванд ва ҷинояти ӯро ҳамчун хуруҷи маризӣ баррасӣ карда, даво бахшанд» - мегӯяд ӯ.

Вай афзуд, вазорат аз ҳама гуна СҒД, ки мехоҳад бо фаъолияти марокизи барқароршавӣ машғул шавад, истиқбол мекунад ва ёдовар шуд, ки ин гуна СҒД метавонанд ба гирифтани шартномаҳое умед банданд, ки барои роҳандозии ҳамчунин фаъолият аз сӯи ҳукумат сармоягузорӣ мешаванд.

«Мутаассифона, марказҳои иҷтимоӣ (барқароршавӣ) барои шартан маҳкумшудагон ё аз зиндон озодшудагон, ки дар бораашон гуфтам, вуҷуд надоранд» - гуфт Темирбек қизи.

Тайи се соли ахир танҳо ду созмони ғайриҳукуматӣ ҷиҳати гирифтани маблағ барои роҳандозии фаъолият бо ҷинояткорони ноболиғ дархост пешниҳод кардаанд. Он СҒД, ки шартнома дарёфт кардааст, ба собиқ маҳбусони ноболиғ барои омода кардани аснод машваратҳои ҳуқуқӣ дода, низ дар ҷустуҷӯи кору манзил кӯмак кардааст.

«Аммо ин барои комилан баргаштани наврас ба зиндагии маъмулӣ кофӣ нест, - мегӯяд Темирбек қизи Муҳаббат. – Ҳамчунин кори давлату СҒД низ кифоят намекунад. Ба ин масъала бояд дастҷамъона бархӯрд кард ва ҷалби созмонҳои байнулмилалӣ, ки дар кишварҳояшон ин таҷриба бомуваффақият ба сиёсати умумии ҳифзи бачагӣ ворид шудааст, хеле муҳим аст»

Коршиносони кор бо ҷинояткорони хурдсол рӯи ин нукта иттифоқи назар доранд, ки кӯмак барои гирифтани маълумот ҷанбаи калидии раванди барқароршавӣ аст.

Маҳбаси Вознесеновка мактаби худро дорад, ки дар фаъолияташ аз нақшаи меъёрии таълими давлатӣ ва барномаҳои омӯзишии иловагӣ, ки ба наврасон барои пур кардани холигоҳҳои хонишашон кӯмак мекунанд, кор мегиранд.

«Ин тавр ҳам шудааст, ки вақте онҳо ба дасти мо меафтанд, ҳатто ҳарферо намешиносанд, - мегӯяд Кураман Назарбеков, сарвари зиндони мардонаи ноболиғон. – Дар озодӣ онҳо тамоман бо корҳои дигар машғул буданд».

Вай зикр кард, ки баъзан наврасон дониши кофӣ мегиранд, то баъд аз озодӣ ба мактаби олӣ дохил шаванд. «Онҳо оилаҳои худро барпо карданд, кор мекунанд ва фарзандонро ба воя мерасонанд. Мо бо гуна бачаҳо ифтихор мекунем» - гуфт Назарбеков.

Мудири мактаби маҳбас Валентина Герашенко мегӯяд, аксарияти хонандагон ҳангоми афтидан ба маҳбас 4-6 сол аз барномаи мактабӣ қафо мондаанд. «Дар онҳо шавқи хондан мурдааст, амалан робитаашон бо мактаб қатъ шудааст, - мегӯяд ӯ. – Ин ҷо мӯҳлатҳои будубош дар маҳбас ҳам нақш доранд. Касе ба 18 медарояд ва ӯро ба маҳбаси калонсолон мегузаронанд. Касе пеш аз мӯҳлат озод мешавад ва дар озодӣ имкони гирифтани маълумоти пурраро надорад».

Саҳмгузори IWPR, ки аз маҳбас дидан кард, мегӯяд, шароити хондан дар он ҷо дар сатҳи паст аст – мизу курсиҳои кӯҳна барои кӯдакон ва камтарин таъмир аз сӯи ғайриҳирфаиён сурат гирифтааст. Омӯзгорон аз камбуди китобҳои дарсӣ, харитаҳои географӣ ва заруратҳои хаттӣ шикоят мекунанд.

Омӯзиш фақат ба забони русӣ аст, зеро китобҳои дарсии қирғизӣ умуман кифоят намекунанд. Ин барои наврасони деҳотӣ ё кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Тоҷикистону Ӯзбекистон мушкил эҷод кардааст.

Герашенко ва 10 омӯзгори дигар новобаста аз мушкилот кори худ ва ҳар чӣ аз дасташон ояд анҷом медиҳанд.

«Барои мо ҳамаи онҳо фарзанданд. Ҳар яке қобилияте, бархеи дигар истеъдод доранд. Маҳз дар ин ҷо аксари онҳо тавонистанд қобилиятҳои худро ошкор кунанд, - мегӯяд ӯ.

**ҚИРҒИЗИСТОН**

– Вазифаи мо… ба ҳар як наврас нишон додани он аст, ки бигзор дар зиндагӣ пешпо хӯрдааст, бигзор ҷиноят содир кардааст, аммо ӯ оянда дорад».

Вай афзуд, агар омӯзгорон барои таълим захираҳои бештар медоштанд, дарсҳояшон аҷибтар мешуданд. Бояд зикр кард, ки бо кӯмаки кормандони маркази ноҳиявии маориф ва омӯзгорони деҳоти атроф мактаби маҳбас якчанд китоби дарсии кӯҳна ва андаке маводи тақсимӣ дорад.

Яке аз бошандагони маҳбас гуфт, мактаб дар ӯ умедеро тавлид кардааст, ки баъд аз баромадан ба озодӣ мутахассиси компютар шавад.

«Онҳо мефаҳманд, ки мо бисёр намедонем, барои барқарор кардани фурсатҳои аздастрафта кӯмак мерасонанд, – гуфт ӯ. – Ин ҷо фаҳмидам, ки қобилият дорам, ҳатто ҳисси ифтихор дар ман пайдо шуд: бале, ман метавонам хуб хонам. Мактаби мо аз мактабҳои «озодӣ» камӣ надорад, аммо мехостем, ки китобҳои дарсии нав, имкон бошад компютерҳо дошта бошем».

Қиссаи зиндагии собиқ маҳбус Кириллро, ки ҳоло 20 сол дорад, метавон хушанҷом номид. Баъд аз будубоши чорсола дар маҳбаси Вознесеновка ду сол қабл ӯ ба озодӣ баромад, дар яке аз литсейҳои касбӣ-техникии Бишкек дуредгариро омӯхт. Баъд як кори хубдаромадеро дар ширкати тиҷоратии истеҳсоли мебел пайдо кард. Мудири ширкат ӯро новобаста аз он ки доғи судӣ дошт, ба кор қабул кард.

«Мекӯшам гузаштаро фаромӯш кунам. Имрӯз ман кор ва маълумот дорам. Орзуи сохтани хонаи худро мекунам» - мегӯяд ӯ.

Зиндагии Кирилл, қиссаи маъмулии ҷавононест, ки аз маҳбаси Вознесеновка гузаштаанд. Ӯ дар 12 – солагӣ аз хона гурехт, зеро падарандараш мезад ва дар кӯча зиндагӣ мекард. Гоҳ-гоҳ ба милиса меафтод.

«Барои гурусна намондан дуздӣ мекардам ва моли дуздиамро мефурӯхтам, - ба хотир меорад ӯ. – Ҳамеша корам барор мегирифт, то ин ки ба даст наафтодам».

Дар маҳбас ӯро зарур омад, ки барномаи соли мактаб нарафтаашро аз дигар хонад. «Ташаккур ба омӯзгорон, - мегӯяд вай. – Онҳо барои ман хизмати бузург карданд. Агар дар мактаби пешина ҳамингуна омӯзгорони хуб мебуданд, шояд ба зиндон намеафтодам».

Кирилл ҳам мисли аксари кормандони маҳбас ва низ маҳбусони имрӯз мехоҳад, ки дар он касбҳои гуногунро омӯзанд. Вақте ӯ дар маҳбас буд, ин чизҳо набуданд ва фикри кор бо чӯб баъд аз он ба сараш омад, ки ҳангоми таъмири китобхонаи назарногири зиндон як китобча дар бораи чизҳои дастсоз ба дасташ афтод.

**Елена Воронина**, ҳомии ҳуқуқ аз Бишкек, ки дар нишастҳои омӯзишии IWPR ширкат кардааст.

# **ШАРҲ.** РАВАНДҲОИ СУДИИ ҲАВОДИСИ ФОҶИАНОКИ ҚИРҒИЗИСТОН БОЯД ОДИЛОНА БОШАНД

*Равандҳои судӣ бо сахлангорӣ ва тарс доданҳо сурат мегиранд*

Дар ҳоли ҳозир дар Қирғизистон ду баррасии алоҳидаи судӣ ҷараён доранд, ки натиҷаи эътирозҳои саросарӣ дар кишвар дар нимаи аввали соли равон мебошанд. Ҳарду баррасӣ дар шароити шаффофияти бесобиқа баргузор мешаванд, ҳарчанд хавфи ҷиддии он ҳам ҳаст, ки ин баррасиҳои судӣ сиёсӣ ҳастанд ва адолат мунсифона ва бетарафона амалӣ намешавад.

Аз нимаи ноябр дар марказ – шаҳри Бишкек ба таври ошкоро раванди судии аъзои маъмурияти президенти собиқ Қурмонбек Боқиев ҷараён дорад. Онҳо барои ба сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ додани фармони тирандозӣ муттаҳам мешаванд, ки дар натиҷа ҳудуди 70 нафарро дар ҷараёни эътирозҳои зиддиҳукуматии моҳи апрел кушта ба ҷой гузошт. Эътирозҳо баъд аз он анҷом ёфтанд, ки Боқиев вазифаш ва кишварро тарк кард.

**ҚИРҒИЗИСТОН**



Ба ҷуз ин дар ҷануби Қирғизистон 152 парвандаи ҷиноӣ барои баррасӣ омода шудаанд, ки ба бархӯрдҳои қавмӣ дар шаҳрҳои Ӯшу Ҷалолобод ва атрофи онҳо рабт доранд. Он замон, тибқи иттилои расмӣ, беш аз 400 нафар кушта шуданд.

Ниҳоят панҷ шаҳрванд аз моҳи сентябр ба ин сӯ бо иттиҳоми аз худ кардани хонаҳо ва моликияти дигар дар моҳи апрел дар деҳаи Маевка, ки бадоҳатан баъд аз тарки мансаб кардани Боқиев рух додаанд, дар суд қарор доранд. Ҳангоми кӯшиши аз худ кардани замин дар деҳаи Маевка, ки дар наздикии Бишкек ҷойгир аст ва сокинонаш туркҳои месхетӣ, русҳо ва қирғизҳо мебошанд, панҷ нафар кушта шуданд. Судури ҳукм аз рӯи ин парванда миёнаҳои моҳи декабр дар назар аст.

Ин ҳама баррасиҳои судӣ аз он хотир муҳиманд, ки дар пайи ҳаводиси калидии имсол дар Қирғизистон баргузор мешаванд. Аммо макон, замон ва худи баргузории корҳои мурофиавӣ ва ҳам ин ки онҳо чӣ тавр аз сӯи ВАО инъикос мешаванд, хавфи зиёди онро ба вуҷуд овардааст, ки ҳукумати кишвар онҳоро ба нафъи хеш истифода мекунад.

Он чӣ ба ҷанбаи мусбии баргузории равандҳои судӣ марбут аст, метавон шаффофият ва дастрасии ҷомеа ба онҳоро зикр кард. Баррасиҳои судии ҳаводиси ҷануби Қирғизистон дар худи ҷануб баргузор мешаванд, дар ҳоле ки суди аъзои маъмурияти Боқиев дар қасри варзиши марказии пойтахт ҷараён дорад, зеро аз рӯи андоза ин бинои мувофиқтарин аст. Аммо ба хотири таркише, ки рӯзи 30 ноябри соли равон дар назди Қасри варзиш рух дод, ҷойи баргузори ҷаласаҳои судӣ эҳтимол дорад тағйир дода шавад. (Бихонед: Афзоиши ташаннуҷ дар робита бо таркиш дар пойтахти Қирғизистон).

Аз ин шаффофият ва дастрасӣ мешавад ҳамчун далели он, ки то кучо Қирғизистон баъд аз касби истиқлолият дар соли 1991 пешрафт кардааст, истиқбол кард. Ин дафъа таззоди бармало бо пайомадҳои зиддияти қавмии соли 1990 дар Ӯш дида мешавад, ки парвандаи бӯҳрони Ӯшро Суди Олии ҷумҳурӣ пушти дарҳои баста баррасӣ намуда буд.

Ба ҳамин минвол, аз як тараф баргузории пурсуҷӯҳои шаффофро, ки бешак, барои ҷомеа аҷибанд, мешавад ҳамчун кӯшиши даст кашидан аз равандҳои созмонёфтаи сиёсии судӣ арзёбӣ кард.

Аммо нишонаҳои он ҳам вуҷуд доранд, ки ҳақиқат метавонад баръакс бошад – шояд мақомот мехоҳанд тариқи ба дигар самт равона кардани норизоиятиҳои мардум, ки баъд аз бесуботӣ ва умедҳои барбодрафта аз ҳукумати нав ба вуҷуд омадаанд, ҷомеаро машғул доранд. Ҳангоми равандҳои судӣ аксар вақт дахолати дағалонаи мардуми ҳозир ё пайвандони шаҳрвандони 7 апрел кушташуда сурат мегиранд, ки дар шакли таҳдиди муттаҳамон ва вакилони дифои онҳо, баъзан таҳти шиорҳои миллатгароёна, талаби худҳукмкунӣ ё муҷозоти шадиди муттаҳамон аз номи халқ зоҳир мешаванд. Ин тарзи дахолатро на ҳамеша судяҳо ва кормандони милиса ҷилавгирӣ мекунанд, ки барои таъмини амнияти ҷалб шудаанд.

Ҳарчанд фаҳмост, ки чаро баррасии ин гуна ҳодисаҳои дардовар ин қадар эҳсосӣ мегузаранд, марзе миёни дастрасии ҷомеа ва ташаннуҷи бармало ҳаст ва мақомот ба таъмини тартиб ва амнияти таҳқиқоти судӣ ҳақ доранд.

Кӯшиши аз назар дур монондани ҷанбаи қавмии ҳаводиси июн касро безобита мекунад.

Созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ, ба монанди Ҳюман Райтс Вотч (Human Rights Watch), мақарраш дар Ню-йорк ишора мекунанд, ки аксарияти муттаҳамони парвандаҳои ҳаводиси моҳи июн ӯзбекҳоянд. Ин ҳам дар ҳоле, ки аксар намояндагони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва милиса дар ҷануби кишвар қирғизҳоянд.

**ҚИРҒИЗИСТОН**

Ҳюман Райтс Вотч аз муттаҳамоне иқтибос меорад, ки моҳи август гуфта буданд, аз 243 боздоштшуда 29 нафар қирғиз ва беш аз 200 нафар ӯзбеканд. Ҳангоми суханрониаш моҳи ноябр президенти кишвар Роза Отунбаева гуфт, ки он замон дар вилояти Ӯш 100 ӯзбек ва 9 қирғиз, дар Ҷалолобод – 30 ӯзбек ва 22 қирғиз маҳкум шудаанд.

Бо ин вуҷуд, мансабдорони ҳукуматӣ батакрор таъкид мекунанд, ки ҳангоми баргузории таҳқиқ ва пайгарди судӣ саҳлангории қавмӣ набуд.

«Дар Қирғизистон ҳангоми гузаронидани равандҳои судӣ ҳуқуқи аҳолии ӯзбекзабон дар ҷануби кишвар поймол нашудааст», - гуфт Отунбаева.

Ин нукта мӯҷиби нигаронии ҷиддӣ шудааст, ки баргузории баррасиҳои судӣ ва баровардани ҳукмҳо мунсифона сурат нагирифтаанд. Нотавонӣ дар таъмини адолат дар оянда мушкил ба вуҷуд хоҳад овард. То ба ҳол аз ибрози назар дар ин бора расонаҳову маҳфилҳои сиёсӣ мегурезанд.

Ҳазорҳо нафар дар беназмиҳои апрел ва июн ширкат доштанд, аммо фақат даҳҳо нафар ба суд кашида шуданд. Ва инҳо ҳам ширкатдорони тахминии мустақим ҳастанд, аммо онҳое, ки фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг ва созмондиҳӣ мекарданд, аз об хушк баромаданд.

Баргузории ғайри қобили қабули ин баррасиҳои таърихӣ имкон медиҳад ҳадс занем, ки элитаи сиёсӣ ва мақомоти давлатӣ дар Қирғизистон қудрати таъмини адолати зарурӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткоронро надоранд.



Мурофиаи судӣ оиди ҳодисаҳои апрелӣ дар Бишкек.

Акси И. Коваленко

Комилан имкон дорад, ки бо нигаҳ доштани ҷанбаҳои мураккаби ин парвандаҳо мақомот мекӯшанд аз иқдомоти қатъӣ, ба монанди барқарории қонуну тартибот дар ҷануби кишвар ва ҳалли масъалаи рӯҳияҳои миллатгароӣ фирор кунанд.

Ҳамзамон баргузории ин баррасиҳои судӣ мӯҷиби афзудани норизоиятиҳо миёни бархе гурӯҳҳои бонуфуз шудааст, ки бо муттаҳамони аъзои маъмурияти собиқи Боқиев робита доранд.

Дар баррасиҳои судие, ки дар Бишкек мегузаранд, аксари муттаҳамон намояндагони собиқ Хадамоти амнияти президент ва гурӯҳи нухбаи «Алфа»-и Хадамоти амнияти миллӣ мебошанд. Сиёсатмадорони алоҳида аз ҷануби кишвар, ки қаблан бо режими Боқиев робита доштанд, ҳамчунин аз баргузории равандҳои судӣ норизоянд.

Ҳангоми таҳқиқи судии намояндагони ин гуна хадамоти қудратманд ҳамеша хатар вуҷуд дорад, аммо баргузории он ба шевае, ки адолат амалӣ нашавад, фақат ба бегонашавии бархе намояндагони хадамоти ҳифзи ҳуқуқ меорад.

Дар кул тааҷубовар нест, ки бархе одамон дар Қирғизистон баргузории ин равандҳои судиро ҳамчун силсилаи судҳои намоишӣ унвон мекунанд, ки ба амалӣ карданидан адолат рабте надоранд.

Ин ҳол дар пай хатари ҷиддӣ дорад – эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва меъёрҳои таъмини адолат метавонанд беарзиш шаванд, эътимоди ҷомеа ба милиса ва судҳо коҳиш меёбад, аммо сиёсати популистӣ баръакс қадрдонӣ мешавад, ки ба зиддиятҳо ва худҳукмкуниҳои минбаъда меорад. Албатта, ин дурнамои бадтарини раванди ҳодисаҳо аст.

Агар ҳадаф пуштибонии ҳуқуқи инсон, мустақилияти судҳо ва муайян кардани адолат аст, пас баргузории ин равандҳои таърихии судӣ он гуна ки имрӯз мешавад, аз нигоҳи ҷомеа кофӣ нест. Волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як шаҳрванд, судҳои мустақил ва эҳтиром ба онҳо, ки бар қарорҳои одилонаи судӣ асос ёфтаанд, беш аз пеш зарур аст.

Бидуни ин Конститутсияи Қирғизистон ва ҷумҳурии парлумонӣ, ки ин қадар ҷомеа аз онҳо умедворӣ мекашад, ба дигаргуниҳои мусбии ҷиддӣ намеоранд.

**Павел Дятленко**, коршиноси Маркази «Полис Азия» дар Қирғизистон.

## ТОҶИКИСТОН

# ВАЗЪИ НОГУВОРИ «ЗАНОНИ ТАРКШУДА» ДАР ТОҶИКИСТОН



*Вақте муҳоҷирини меҳнатӣ робитаашонро аз хона мекананд ва дигар пул намефиристанд, рӯзгузаронии оилаҳои онҳо мушкил мешавад.*

Дар ҳоле ки ба шарофати муҳоҷирати дастаҷамъии меҳнатӣ бисёри тоҷикистониён даромадҳои хуби молиявӣ ба даст овარданд, он оилаҳое, ки саробонашон аз фиристодани пул ба хона даст кашид, ба ҷумлаи қашшоқтаринҳо дар кишвар ворид шуданд.

Ба назари фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ рӯи даст гирифтани тадобире зарур аст, ки занони аз сӯи шавҳарон таркшуда тавонанд аз давлат кӯмак гиранд, манбаи даромад пайдо намоянд ва шавҳаронашонро, ки муваззафанд барои нигоҳубини фарзандон маблағ диҳанд, ҷустуҷӯ кунанд.

Аз 25 ноябр то 6 декабр дар қисматҳои мухталифи кишвар як қатор баҳсҳо баргузор шуданд, ки ба мушкилоти марбут ба ин гуна оилаҳо бахшида шуда буданд. Баҳсҳоро муштарак Созмони байнулмилалии муҳоҷират (МОМ), бунёди занони СММ (UNIFEM), Институти «Ҷомеаи боз» - Бунёди мусоидат дар Тоҷикистон ва IWPR созмон доданд. Интизор меравад, аз рӯи натиҷаҳои баргузории онҳо тавсияҳо дар бораи ҳифзи ҳуқуқ ва манофеъи оилаҳои муҳоҷирин дар Тоҷикистон омода шаванд.

Фарзона Юсуповаи 36-соларо шавҳари ба хориҷа рафтааш тарк кардааст. Ҳарчанд то ин замон зиндагии хуш ва се фарзанд доштанд, оила аз маблағ танқисӣ мекашид ва шавҳараш маҷбур шуд роҳи мардикорӣ ба Русияро пеш гирад.

«Ҳудуди ду сол аз ӯ хатту хабаре набуд, баъд овоза шуд, ки дар Русия зан гирифтааст, - мегӯяд Юсупова. – Баъд аз чанд вақт наздикони шавҳарам аз нигоҳубини мо хаста шуданд ва моро аз хона ронданд. Ҳоло ман бо се фарзанд ба дари кӣ меравам? Як хобгоҳ пайдо кардам ва дар хонае хизматгор шудам, то барои фарзандонам пораи нон пайдо кунам».

Баъд аз ин Юсупова аз он хавф дорад, ки ҳамчун модари танҳо наметавонад ба фарзандонаш таваҷҷӯҳи зарурӣ диҳад, зеро ҳама наврас шудаанд.

Бӯҳрони иқтисодӣ дар Русия (бешак, кишвари аз ҳама мувофиқест барои кор пайдо кардани мардикорон) талабот ба нерӯи кории муҳоҷиринро кост. Бо ин вуҷуд, тибқи иттилои ғайрирасмӣ, теъдоди шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар хориҷ кор мекунанд, ҳоло ҳудуди 1 миллион нафарро ташкил мекунад. Ба ин шумора ҳам шаҳрвандоне, ки тамоми иҷозатномаҳои зарурии корро доранд ва ҳам муҳоҷирини ғайриқонунии меҳнатӣ дохил мешаванд.

Музафар Зарипов, раҳбари СҒД «Муҳоҷират ва рушд» ва сарвари маркази захиравии кӯмак ба муҳоҷирин мегӯяд, соли 2009 ба Русия 930 ҳазор нафар ҳиҷрат кардаанд. Аз рӯи иттилои СҶМ ин сол ин рақам камтар аз 800 ҳазор аст.

Тибқи иттилои СҶМ, 95% муҳоҷирин мард ҳастанд ва қариб 80% онҳо оиладоранд.

Маблағе, ки муҳоҷирин ба хона мефиристанд, бисёр оилаҳоро дар замони вазъи бади иқтисодӣ дар кишвар аз фақр раҳонд. Тибқи иттилои Бонки ҷаҳонӣ соли гузашта маболиғи интиқолӣ ҳудуди 60% ММД-и кишварро ташкил доданд.

## ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки аксарияти муҳоҷирин ҳанӯз ҳам ба хонаҳояшон пул мефиристанд, ҳарчанд эҳтимол дорад, на он қадар зиёд, зеро дар навбати аввал онҳо бояд ҳаққи будубош ва дигар хароҷотро пардохт кунанд. Дар таҳқиқоте, ки СҶМ моҳи апрели соли 2009 нашр кард, гуфта мешавад, ҳадди миёнаи маблағе, ки тайи як сол муҳоҷирин ба хона фиристодаанд, моҳе 400 долларро ташкил додааст.

Дар ҳисоботи баъдиаш моҳи августи соли равон муҳаққиқи СҶМ ҳисоб кардааст, ки ҳудуди 37% оилаҳои муҳоҷирини меҳнатии кишварҳои дигар «дар фақр ё поёни хатти фақр» ба сар мебаранд, зеро солона камтар аз 500 доллар мегиранд ва дар баъзе маворид умуман пул намегиранд. «25% оилаҳое, ки солона беш аз 500 доллар дарёфт мекунанд, аммо камтар аз 1000, низ метавонанд ба хатар мувоҷеҳ шаванд» - омадааст дар ҳисобот.

Барои қисмати ками оилаҳо муҳоҷирати сарвари оила ҳолати ҳамешагӣ шудааст ва дер ё зуд интиқоли маблағ қатъ мешавад. Дар ҳисоботи СҶМ маълумот дар бораи он оварда мешавад, ки ҳудуди сеяки шавҳарони машғули кор дар хориҷа дар он кишвар маскун мешаванд ва занонашонро дар Тоҷикистон мегузоранд.

Ин «занони таркшуда», омадааст дар ҳисобот, бо онҳое, ки пули кам мегиранд ва ё аз шавҳарон, ки ҳанӯз робита доранд, аммо чизе намегиранд, гурӯҳи хатарро ташкил медиҳанд. «Ин занон дар ҳолати поёни хатти фақр ба сар мебаранд, аз ҳукумат, созмонҳои хориҷӣ ва ҷомеаи маҳаллӣ кӯмак намегиранд. Вазъи ҷисмониву рӯҳиии онҳо мӯътадил нест, зеро пеши гуруснагӣ, ҷиноят ва таҳқир бечора ҳастанд» - омадааст дар ҳисобот.

Ойниҳол Бобоназарова, раҳбари созмони «Перспектива Плюс» дар бораи бархе мушкилоте, ки оилаҳои бесаробон мувоҷеҳ мешаванд, сӯҳбат кард.

«Мо рӯи мушкили худкушӣ зиёд кор кардем. Занон даст ба худсӯзӣ мезананд, зеро шавҳари бархе рафтанду зан гирифтанд ва пул намефиристанд, - мегӯяд ӯ. – Дуввум, фарзандон бетарбия мемонанд, зеро модар бояд рӯзи дароз дар бозор нишаста пораи нон ёбад».

Алла Қувватова, мудири иҷроияи Анҷумани СҒД барои баробарии ҷинсӣ ва ҷилавгирӣ аз зӯроварӣ алайҳи занон мегӯяд, ин гуна оилаҳо дар ин ҳолатҳо метавонанд аз ҳукумат кӯмак пурсанд.

«Пуштибонии иҷтимоӣ ҳаст, агар муддати дароз сарвари оила нест, давлат метавонад кӯмак кунад. Яъне онҳо метавонанд раванд ва гӯянд, ки ӯ рафтааст ва ба ман кӯмак намекунад (аз лиҳози молиявӣ)» - шарҳ дод ӯ.

Ба гуфтаи Қувватова, адами маълумот мушкили асосии занони осебпазир аст. «Ба онҳо чӣ тавр пул кор карданро бояд омӯхт. Ба онҳо оддитарин касб зарур аст», - мегӯяд ӯ.

Тибқи қонун, шавҳарон мувазза̄фанд фарзандонро таъмин кунанд, аз ҷумла баъд аз ҷудо шудан. Аммо онҳоро водор кардан ба ин кор хеле мушкил аст, вақте онҳо дар кишвари дигар ҳастанд. Аксар вақт онҳо аз занони худ дар Тоҷикистон ҷудо намешаванд, ки дар натиҷа аз онҳо ситонидани алимент бо роҳи қонунӣ осон нест. Занони дигар, эҳтимол дорад бо никоҳи мусалмонӣ ва бе сабти никоҳ дар сохтори давлатӣ хонадор шудаанд, аз ин хотир, онҳоро боз лозим аст, ки далели падариро исбот кунанд.

Дар ҳама ҳолат, ин гуна занон, ки маъмулан дар деҳот ба сар мебаранд ва ба шаҳрҳои бузург рафта наметавонанд, тибқи одат, намедонанд чӣ тавр кори худро ба сохторҳои давлатӣ расонанд ва чӣ тавр барои машварат ба мутахассиси СҒД муроҷиат кунанд.

Нели Сафарова, ҳамоҳангсози тарҳи «Дастрасӣ ба адолат ва ислоҳоти судӣ» -и Лигаи занони ҳуқуқшинос мегӯяд, дар ин тарҳ занон метавонанд навҳои гуногуни кӯмакро дарёфт кунанд.

«Мо ба онҳо машварат медиҳем ва агар зарур бошад ҳимояти судиашонро таъмин мекунем, барои муроҷиат ба суд ариза менависем, - мегӯяд ӯ. – Метавон шавҳарро бедарак гумшуда… ё фавтида эътироф кард».

Дар ҳолатҳое, ки танҳо никоҳи динӣ вуҷуд дорад ва тибқи қонун зан шавҳардор ҳисобида намешавад, созмони Сафарова ба суд барои аз рӯи хун муайян кардани падарӣ муроҷиат мекунад.

Ба гуфтаи Сафарова, ҳуқуқшиносон ҳамчунин ба занон барои додани ариза ба суд дар мавриди ситонидани алимент ё ҷустуҷӯи шавҳар аз рӯи созишномаи расо-



нидани кӯмаки ҳуқуқӣ миёни кишварҳои ИДМ, ки Русияву Тоҷикистонро низ дарбар мегирад, кӯмак мекунанд.

Сафарова мегӯяд, тағйироти қонунгузорӣ дар чанд соҳа аст, аз ҷумла ташдиди алиментпулиҳо, сабти давлатии ҳамаи никоҳҳо ва хуруҷи мардикорон ба хориҷ фақат бо роҳи қонунӣ.

Имрӯз барои муҳоҷирини корӣ пинҳон доштани далоили мавҷудияти никоҳ ва гурез аз пардохти алиментпулӣ, вақте ки ба таври муназзам фиристодани маблағро қатъ мекунанд, мушкил нест.

Фирӯз Саидов, коршиноси Маркази таҳқиқоти стратегӣ дар Душанбе хуш мебуд агар таҷрибаи замони шӯравӣ, ки дар шиносномаи шаҳрванд сабти мақоми оилавӣ ва доштани фарзанд сабт мешуд, барқарор шавад.

Ҳоло вазъ чунин аст, ки шаҳрванди зандори Тоҷикистон метавонад шаҳодатномаи қалбакӣ дар бораи оиладор набуданро харида, ба зани русиягӣ хонадор шавад.

**ТОҶИКИСТОН**

Саидов мегӯяд, зарурат ба созишномаи расмии миёни Русияву Тоҷикистон пайдо шудааст, ки бар пояи он ба таври ҳатмӣ дар бораи сабти никоҳ дар як кишвар ба хадамоти зидахли кишвари дигар иттилоъ дода шавад.

Маъмулан интиқоли маблағ баъд аз он қатъ мешавад, ки муҳоҷир аз Тоҷикистон дар кишвари дигар мемонад ва зан мегирад.

Ба гуфтаи Бобоназарова, дар бархе маворид тоҷикон барои он хонадор мешаванд, ки сарпаноҳ пайдо намоянд ва тартиби гирифтани шаҳрвандии Русияро осон кунанд ё аз тафтишоти милисаҳо раҳо ёбанд. Вай гуфт, аз рӯи бархе сарчашмаҳо, ҳамасола дар Русия 12 ҳазор марди тоҷик оиладор мешаванд.

Бо ин вуҷуд, ин қисмати ками мардонест, ки дар кишварҳои дигар кор мекунанд. Аз чор се ҳиссаи онҳо бо вуҷуди ба мӯҳлати муайян дар он кишвар мондан фиристодани маблағ ба хонаҳояшонро идома медиҳанд.

Тавре Саидов гуфт, 70% муҳоҷирони тоҷик ба хориҷ баҳор мераванд ва зимистон бармегарданд. «Онҳо мавсимиянд, мераванд ва боз пеши занҳояшон бармегарданд», - гуфт ӯ.

Эҳтимол дорад мушкили оилаҳои бесаробон идома ёбад, зеро анҷоми муҳоҷирати меҳнатӣ ҳанӯз пайдо нест.

**Меҳрангез Турсунзода**, рӯзноманигор аз Тоҷикистон, ки дар тренингҳои IWPR ширкат кардааст

# ҲУКУМАТИ ТОҶИКИСТОН АЗ ИНЪИКОСИ БӮҲРОН ДАР ВАО-И МАҲАЛЛӢ НОРОЗИСТ




Шумораи охирини нашрияи «Фараж» то басташавӣ.

Акси © «Фергана.Ру»

*Дар кишвар ҷанҷоли лафзӣ идома дорад – мақомот ва рӯзноманигорон якдигарро ба муносибати ноодилона муттаҳам мекунанд.*

Ҳукумати Тоҷикистон бо иттиҳоми рӯзноманигорон дар инъикоси бад ва нодурусти даргириҳои ахир бо размандагон дар шарқи кишвар батамом ба ВАО дарафтод. Созмонҳои ҳифзи ҳуқуқи ВАО аз маҳдудиятҳое, ки барои матбуот ва сомонаҳои иттилоотӣ дар интернет ҷорӣ шуданд, изҳори нигаронӣ карданд, дар ҳоле ки гузоришгарон мегӯянд, далелҳоро бо сабаби амалан махфӣ доштани маълумот дар бораи ҳодисаҳо тафтиш карда наметавонистанд.

Равобит ба таври назаррас коҳиш ёфтанд. Намояндагони бахши матбуот эҳтимоли онро, ки инъикоси ҳодисаҳо ба кадом як тарафи дигар лағжидааст, эъти-

**ТОҶИКИСТОН**

роф накарданд. Бо ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо ба манобеъи интернетӣ ва матбуот мақомот худро наҷот дода натавонистанд.

Дар изҳороти 18 октябр намояндаи САҲА дар масоили кор бо ВАО Дуня Миятович аз он изҳори нигаронӣ кард, ки натиҷаи «коҳиши мудаввоми вазъи озодии ВАО» бастани ҳафтаномаҳо ва масдуд кардани дастрасӣ ба сомонаҳои иттилоотӣ шудааст.

Мансабдорон дар Тоҷикистон ба он, ки чӣ тавр даргирии миёни нерӯҳои ҳукуматӣ бо размандагони мусаллаҳ дар санаи 19 сентябр ва кушта шудани 25 сарбоз дар водии Рашт дар ВАО инъикос шуд, вокуниши аз ҳад манфӣ нишон доданд. Мегӯянд, гурӯҳи ҳамлаварро фармондеҳони ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992 – 1997 раҳбарӣ доштанд, ки эҳтимолан ба размандагони аз Афғонистони ҳамсоя воридшуда кӯмак карданд.

Интиқоди аввалин аз инъикоси ҳаводиси шарқи кишвар 25 сентябр садо дод. Шабакаи телевизионии давлатӣ изҳороти маркази матбуоти вазорати дифоро пахш кард, ки дар он оҷонсиҳои хусусии иттилоотӣ ба саҳлангорӣ муттаҳам мешуданд. Дар иттилоия махсусан мақолаи ҳафтаномаи «Фараж» таъкид мешуд, ки дар он омадааст, вазорати дифоъ бояд аз хонаводаҳои сарбозони кушташуда бахшиш пурсад ва вазири дифоъ ба истеъфо равад.

17 нашрия ва созмони расонаӣ ба изҳороти вазорати дифоъ бо изҳороти худ посух гуфтанд ва иттиҳом дар бораи саҳлангориро рад намуда, аз ҳаққи худ барои инъикоси ҳаводис дифоъ ва сохтори қудратиро ба кӯшиши таъқиби онҳо муттаҳам карданд.

Иқдоми навбатиро вазири дифоъ Шералӣ Хайруллоев гирифт. Оҷонси иттилоотии «Ховар» 4 октябр изҳороти ӯро нашр кард, ки лаҳни хеле шадид дошт.

Хайруллоев аз он ба хашм омада буд, ки ба назари ӯ, бархе нашрияҳо дар мақолаашон «табли шодӣ» мезананд, ки он қадар ба озодии матбуоти ҳақиқӣ монанд нест.

«Аксари маводи нашрияҳои мустақили Тоҷикистон нисбати ҳуҷуми ваҳшиёнаи террористони зархарид ба корвони низомии вазорати дифои кишвар бӯи ҷонибдорӣ аз ин амали нангини қотилони бераҳм мекунанд. Магар рӯзноманигорони мӯҳтарами мо намедонанд, ки пуштибонии террористон мусоидат ба терроризм ва пуштибонии террористон ҷинояти вазнин аст?» - гуфт вай.

«Дар бисёри нашрияҳо, ба истисноӣ бархе, нишонаҳои маҳкум кардани ин амали ваҳшиёнаи террористони хунхӯр дида намешавад. Ба истисноӣ бархе нашрияҳо, ки ангуштшумор ҳастанд», - афзуд вай.

Вазир ҳамчунин ба қаринаи сиёсӣ истинод кард, ки бархе сиёсатмадорони мухолиф гуноҳи асосиро ба ҳукумат бор карданд, на размандагони мусаллаҳ. Ӯ даъвати мухолифони ҳукумат дар мавриди ҳалли бӯҳрон тариқи музокиротро рад кард.

«Дар чунин маврид онҳо муколама ва музокиротро талаб мекунанд. Пурсида мешавад: муколама бо кӣ? Бо террористон ва қотилон, ё бо шумо – раҳбарони аҳзоби сиёсӣ?» - гуфт ӯ.

Баробари ташаннуҷи вазъ се нашрия – «Пайкон», «Истиқлол» ва «Фараж» дарёфтанд, ки наметавонанд шумораҳояшонро ба чоп расонанд. Ба ҷуз ин, бархе сомонаҳои дохиливу хориҷӣ - avesta.tj, tjknews.com, ferghana.ru ва centrasia.ru масдуд шуданд.

Сиёвуш Ҳамдамов, мудири чопхонаи «Оила-принт», ки нашрияҳои фавқуззикрро нашр мекард, гуфт, манъи чоп бо сиёсат рабте надорад. Гап дар сари ин, ки «Истиқлол» ва «Пайкон» аз чопхона қарзи зиёд доранд. «Фараж» робитаашро бо чопхона қатъ кардааст, зеро қимати коғаз афзудааст.

Нуриддин Қаршибоев, раҳбари Анҷумани миллии расонаҳои мустақили Тоҷикистон (НАНСМИТ) гуфт, гап дар ин масоили шартномавӣ нест. «Комилан фаҳмост, ки ин ҷо сохтори як занги телефонии шахси вазифадор бо амри чоп накардан кор кардааст», - гуфт ӯ.

Раҳбари Анҷумани интернетрасонҳо Парвина Ибодова гуфт, аъзои Анҷуман аз вазорати мухобирот фармон гирифтаанд, ки сомонаҳои муайянро масдуд кунанд. Ба гуфтаи ӯ, оҷонси иттилотии «Азия Плюс» аз вазорат шарҳи ҳодисаро пурсидааст, аммо ширкатҳо фақат итоат карда метавонанд.

Созмонҳои ҳифзи ҳуқуқи ВАО ин омолро тарс додани рӯзноманигорон арзёбӣ карда, кӯшишҳояшонро муттаҳид мекунанд.

14 октябр НАНСМИТ ба вазири дифоъ нома фиристода, хостааст, ки номгӯи нашрияҳо ва рӯзноманигоронеро, ки ба назари ӯ, ба пуштибонии терроризм муттаҳам мешаванд, пешниҳод кунад. Як ҳафта пас гурӯҳи нашрияҳои мустақил Кумитаи ҳифзи ҳуқуқҳои касбии рӯзноманигоронро таъсис доданд, ки ҳадафаш қатъи фишор ба ВАО, барқарор кардани дастрасии боз ба чопхонаҳо ва захираҳои онлайн, ҳамчунин бозгашт ба сатҳи озодии баёни расонаҳо то замони бӯҳрон аст.

Дар кумита иттилоъ доданд, ки сомонааш майдоне барои нашрияҳо ва рӯзноманигороне хоҳад буд, ки наметавонанд матолибашонро дар ҷойҳои дигар нашр кунанд.

Ҳоло ҳукумат ва ВАО беш аз ҳар вақт аз ҳамдигар дур ҳастанд.

Намояндагони ВАО ҳукуматро ба он муттаҳам мекунанд, ки ба ҷои таваҷҷӯҳ ба камбудиҳои роҳандозии амалиёти низомӣ дар қисмати шарқии Тоҷикистон онҳо «қосидро мекушанд».

Рӯзноманигорон ҳамчунин таъкид мекунанд, ки мақомот гирифтани иттилои мувассақ дар бораи ҳамлаи дара ва дигар рӯйдодҳоро, аз ҷумла суқути чархбол ҳангоми амалиёти хадамоти амниятӣ аз ҳад мушкил кардаанд, то имкони омода кардани гузоришҳои воқеӣ бошад. Ба қавли рӯзноманигорон, вақте онҳо барои дарёфти иттилоъ ба вазоратҳои дифоъ ва корҳои дохилӣ занг мезананд, касе гӯширо намебардорад.

Хабарнигорони IWPR бо мушкилоти ҳамсон мувоҷеҳ шуданд, вақте кӯшиданд, ки аз вазоратҳои мазкур дар бораи баҳси ба амал омада назари онҳоро гиранд.

Зебо Тоҷибоева, мудири иҷроияи Оҷонси иттилоотии «Азия-Плюс» ва то ба наздикӣ муҳаррири IWPR, ба хотири ҷилавгирӣ аз ташаннуҷи бештари вазъ рӯзноманигоронро ба таҳаммул даъват кард.

**ТОҶИКИСТОН / ЎЗБЕКИСТОН**

«Маслиҳати ман ба рӯзноманигорон ин аст, ки захмро накобанд. Ба назарам, беҳтар аст аз ин беш ба касбият эътибор надиҳанд, мисли пеш пайи кори худ бошанд, яъне иттилои воқеӣ ва мувассақ омода кунанд, - гуфт ӯ. – Бо шаффофият ва судҳо ин ҷо наметавон касеро тарс дод ва масъаларо ҳал кард. Ва барои иқдомоти ҷавобӣ мунтазири анҷоми амалиёт дар Рашт шуд».

**Лочин Каримов**, тахаллуси рӯзноманигор аз Тоҷикистон.

# ЎЗБЕКИСТОН

## **ШАРҲ.** КОРШИНОСИ МАТБУОТ: ДАР ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ ШИКОЯТҲОИ СУДӢ АЛАЙҲИ РӮЗНОМАНИГОРОН ЗАМИНАҲОИ ЗИЁД ВУҶУД ДОРАД



**Пикети коргарзанони шабакаи телевизионии «Ёшлар»- и Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон алайҳи сензура, 6 декабри соли 2010 дар майдони Истиқлолияти Тошканд. Акси Василий Марков.**

Фото Василий Марковтікі.

*Пикети коргарзанони шабакаи телевизионии «Ёшлар»- и Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон алайҳи сензура, 6 декабри соли 2010 дар майдони Истиқлолияти Тошканд. Акси Василий Марков.*

Равандҳои судие, ки имрӯзҳо дар Тошканд аз рӯи парвандаи Абдумалик Бобоев, хабарнигори радиои «Садои Амрико» ва Владимир Березовский, рӯзноманигори русиягӣ, муҳаррири сомонаи интернетии vesti.uz ба охир мерасанд, бар пояи хулосаҳои коршиносонаи хеле баҳсангези Маркази давлатии мониторинги соҳаи иртибототи Оҷонси робита ва иттилоотонии Ўзбекистон (УзАСИ) сохта шудаанд.

Судҳои хабарнигорон ба инквизитсияи Испанияи католикӣ хеле монананд. Он замон инсонҳоро бедалел муттаҳам мекарданд ва дар оташ месӯзонданд, аммо дар Ўзбекистон рӯзноманигоронро барои иттилои беарзиш ба курсии судшаванда мешинонанд.

Далели расмии оғози репрессияи рӯзноманигорони маҳаллӣ қарори девони вазирон аз соли 2007 аст, ки низомномаи тартиби роҳандозии мониторинги риояи қонунгузорӣ дар соҳаи нашр ва пахши маҳсулоти матбуотӣ, китобӣ, телерадио, аудиовизуалӣ ва захираҳои иттилоотӣ дар интернетро тасдиқ кард.

Ин ҳуҷҷат вазифаҳои муҷозотии Марказро, ки ҳаққи назорати воситаҳои ахбори умум ва дар мӯҳлати на кам аз панҷ рӯзи корӣ баъд аз мониторинг фиристодани хулоса ва тавсияҳо ба мақомоти давлатиро дорад, муайян мекунад.

Тағйирот дар зиндагии маъмулии расонаҳо соли 2002 сар шуда буд, вақте ки президент Ислом Каримов бо амр «Дар бораи такмили идора дар соҳаи матбуот ва иттилоот» сензураро манъ кард. Он замон рӯзноманигорони маҳаллӣ ин қарорро бо хушнудӣ истиқбол карданд, зеро чаққашавии сензорҳо аксар вақт аз ҳадди ақли солим мегузашт.

## ЎЗБЕКИСТОН

Дар замони мавҷудияти сензура даъвоҳои судӣ алайҳи ВАО хеле кам буд, зеро «қаҳрамонони» матолиби интиқодӣ хеле кам ба судҳо муроҷиат мекарданд. Онҳо мединистанд, ки мавод таҳти сензура қарор мегирифт ва ин ба он маъност, ки мақомот онҳоро иҷоза додаанд. Судҳо ҳангоми қабули қарорҳо ҳамчунин ғайрирасмӣ ин далелро ба назар мегирифтанд.

Манъи расмии сензура теъдоди маводи интиқодиро дар матбуот коҳиш дод ва тамоми масъулияти мундариҷаи нашрия ба зиммаи худи нашрия гузошта шуд.

Дар кишварҳои мутараққӣ барои исботи ҳаққонияти расонаҳо ва рӯзноманигорон созмонҳои сарватманди ҷамъиятӣ, ки ба ҳифзи озодии баён ихтисос ёфтаанд, кӯмак мекунанд. ВАО-и нодори Ўзбекистон, ки барои хароҷоти судӣ имконоти молӣ надоранд, ин гуна пуштибониро ба далели адами созмонҳои ҳамсон дар кишвар надоранд.

Равандҳои муфлискунандаи судӣ, ки баъд аз лағви сензура ҷой доштанд, аз сӯи шаҳрвандоне, ки аз танқид ранҷида буданд, роҳандозӣ мешуданд. Ин вазъ тадриҷан хоҳиши инъикоси мавзӯҳои доғро дар раҳбарияти идораи нашрияҳо ва худи рӯзноманигорон мекушт.

Аз ин вазъ бадоҳатан мансабдорон низ истифода карданд. Онҳо ба муассисони нашрияҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ маслиҳат доданд, ки аз чопи маводи интиқодӣ дар саҳифаҳои худ даст кашанд.

Ба маълумоти гузоришгарон, ин ақида таҳти пӯшиши раҳоӣ аз хароҷоти молӣ барои равандҳои судӣ расонида шуд. Дар натиҷа нашри ҳатто мавзӯҳои хеле беарзиш, ба монанди фаъолияти бади хадамоти манзилӣ-коммуналӣ, манъ шуд.

Давраи навбатӣ тавсияи пинҳонӣ ба рӯзномаву маҷаллаҳо ислоҳи фаъолияти шӯъбаи мактубҳо шуд. Ҳоло шикояти хонандагон, ки қаблан дар саҳифаҳо нашр ё барои таҳқиқ ба рӯзноманигорон дода мешуданд, аввал ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мерасанд.

Дар вазъи ба миён омада мансабдорони бевиҷдон ва соҳибкорон аз танқиди воқеӣ метавонанд натарсанд ва ором бихобанд. Ягона чизе, ки онҳоро ба ташвиш меандозад, маводи оҷонсиҳои иттилоотии хориҷиянд. Рӯзноманигорони аз ҳама бовиҷдон ва усулгарои Ўзбекистон, ки мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ доранд, маҷбур буданд бо онҳо ҳамкорӣ ба роҳ монанд.

Аммо барои онҳо низ нӯхтае дар шакли Маркази мониторинги соҳаи мухобироти омма ва иттилоотонӣ (УзАСИ) пайдо шуд. Кормандони ин сохтор маводи интиқодӣ дар матбуоти маҳалливу хориҷиро пайгирӣ мекунанд ва ба қабули тадобири муҷозотӣ мусодидат менамоянд.

Вазъ бо он мураккаб мешавад, ки дар Ўзбекистон ҳеҷ кас наметавонад пайгарди судии рӯзноманигоронро ба ҷолиш кашад.

Ҳатто қонуни Ўзбекистон «Дар бораи васоити ахбори умум» аз соли 1997 кӯмак намекунад. Моддаи шашуми ин санад ҷилавгирӣ аз натиҷаҳои судро иҷоза намедиҳад ва аз сӯи мансабдорон ҳамчун манъи нашри матолиб дар бораи раванди судӣ, тартиби таҳқиқ ё тафтиши қаблӣ бидуни иҷозаи прокурор ё қабули қарор аз сӯи суд арзёбӣ мекунанд.

Расонидани таъсир «бо роҳи дигар» ба суд ҳам то ҳукми қонунӣ гирифтани қарораш манъ аст. Аммо маънидоди номафҳум рӯшан намекунад, ки маҳз бо кадом «роҳи дигар» ҳамчунин таъсиррасонӣ манъ шудааст.

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон матбуот ҳисоботи шаффофи ҳар як ҷаласаи раванди пурсарусадои судиро нашр мекунад. Аммо оё ин гуна ҳисобот ба навъи таъсир ба суд «бо роҳи дигар» ворид мешавад, аз моддаи шашуми қонуни Ўзбекистон нофаҳмост.

Ҳамчунин он қадар фаҳмо нестанд меъёрҳои манъкунӣ, ки ба пахши маълумоти таҳқиркунандаи шаъну шарафи шаҳрвандон ва обрӯи корӣ рабт доранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки агар дар хабар рӯзноманигор номи кадом як мансабдор ё соҳибкорро ёдовар шавад, аллакай танҳо ин як далелро мешавад таҳқир ҳисобид ва ин ҳол даъвои судиро ба дунбол дорад. Сархати охирини моддаи шашум низ фаҳмо нест. Бар пояи он омадааст, ки истифодаи воситаҳои ахбори умум ба ҳадафҳои «иҷрои амалҳои дигар, ки дар пай тибқи қонун ҷавобгарии ҷиноӣ доранд», иҷоза нест. Ин меъёр ҳар гуна метавонад истифода ва барои муҷозоти рӯзноманигорони номаъқул ба кор бурда шавад.

Тазод дар ин аст, ки «кашидани лаҷоми» рӯзноманигорон бо даъватҳои ҳамешагии Ислом Каримов ба рӯзноманигорон дар бораи навиштани мақолаҳои ҷасурона ва интиқодӣ мухолифат доранд. Масалан, моҳи январи соли равон, ҳангоми суханронӣ дар парлумон президент расонаҳои Ўзбекистонро барои «бедандонӣ» таъна кард ва шаш моҳ қабл дар рӯзи касбии рӯзноманигорон президент онҳоро ба раҳоӣ аз худсонсурӣ ва фош кардани мансабдорони азхудрафта даъват намуда буд.

Агар мақомот дар ҳақиқат мехоҳанд матбуоти озод дошта бошанд, онҳоро қабл аз ҳама лозим аст, ки меъёрҳои байнулмилалии ҳамкорӣ бо ВАО-ро қабул кунанд ва аз таҷрибаи доманадори амрҳои пинҳонӣ ба манъи маводи интиқодӣ даст кашанд.

Табиист, ки ин тариқи таҷдиди кор бо шикояти шаҳрвандон, баргузории таҳқиқоти рӯзноманигорӣ, ислоҳоти қонунгузорӣ дар бораи ВАО, пуштибонии молиявии гузоришгарон аз сӯи идораи расонаҳо, ки маводи интиқодӣ менависанд, тариқи ташвиқи иттилоотӣ миёни кормандони соҳаи матбуот барои фаҳмидани ҳуқуқу масъулиятҳо ва меъёрҳои қонун амалӣ мешавад.

**Виктор Кримзалов**, коршиноси мустақил дар умури матбуот, дар Тошканд кор ва фаъолият мекунад.

*Ин матлаб дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳисоботи хабарии Осиёи Марказӣ», ки аз сӯи бунёди National Endowment for Democracy сармоягузорӣ мешавад, омода шудааст.*

**ЎЗБЕКИСТОН**

# ГУРУСНАНИШИНИИ ЗИНДОНИЁНИ МАҲБАСИ ЖАСЛИК



*Шурӯъи гуруснанишинӣ дар маҳбаси Жаслик барои созмонҳои байнулмилалӣ бояд далели таҳти назорати шадид гирифтани вазъ дар низоми муассисаҳои ислоҳотии Ӯзбекистон бошад, мегӯянд ҳомиёни ҳуқуқ.*

22 ноябр раиси Гурӯҳи ташаббускори ҳомиёни мустақили ҳуқуқ Сурат Икромов ба NBCA дар бораи шурӯъи гуруснанишинии саросарии зиндониёни маҳбаси Жаслик иттилоъ дод.

Ба қавли Икромов, гуруснанишинии дастҷамъона дар ин маҳбасро тақрибан дар охири моҳи ноябр маҳбусони диндор оғоз кардаанд. Сабаби эътироз шиканҷаи мудавоми бераҳмона ва гум шудани якчанд зиндонӣ аз маҳбас будааст. IWPR дар бораи шиканҷа дар ин маҳбас 2 август дар маводе таҳти унвони «Таҳқир дар маҳбасҳои Ӯзбекистон ба маризии рӯҳии зиндониён меорад» навишта буд.

Маҳбаси Жаслик 64/71 дар қисмати шимолу ғарби кишвар, 1000 километрии Тошканд ҷойгир аст ва «ҷои аз ҳама даҳшатнок» - и Ӯзбекистон маҳсуб мешавад. Мардум онро ҷое меноманд, ки «роҳи бозгашт надорад».

Тибқи иттилои ҳомиёни ҳуқуқи ӯзбек, дар маҳбаси Жаслик беш аз 500 зиндонӣ ба сар мебаранд. Беш аз нисфи одамоне, ки мӯҳлати ҳабсашонро дар Жаслик мегузаронанд, диндорон ва маҳбусони сиёсӣ ҳастанд. Ба гуфтаи Икромов, маҳз онҳо аз шиканҷа ва зӯроварӣ дар Жаслик ранҷ мебаранд.

«Мушоҳидаҳои мо ва сӯҳбатҳо бо наздикону пайвандони зиндониён дар ин маҳбас нишон доданд, ки назоратчиён маҳз алайҳи ин ду гурӯҳи маҳбусон беш аз ҳама шиканҷаро ба кор мебаранд», - мегӯяд Икромов.

Дар ҳоли ҳозир дар маҳбаси Жаслик маҳбусони машҳур, ба монанди шоири ҳаҷвнигор Юсуф Ҷумъа, соҳибкор, асосгузори аввалин бонки тиҷоратӣ дар Ӯзбекистон «Рустамбонк» - Рустам Усмонов ва ҳомии ҳуқуқ Азимҷон Фармонов ба сар мебаранд. Ба гуфтаи Икромов, пайвандони онҳо чандин бор ба Гурӯҳи ташаббускори ҳомиёни мустақили ҳуқуқ дар бораи шиканҷа алайҳи наздиконашон нақл кардаанд.

Клара Олимова бо 30 зани хешу табори зиндониёни диндор беш аз ним моҳ дар меҳмонхонаи маҳбаси Жаслик зист, ба умеди он ки маъмурияти муассисаи ислоҳӣ ба онҳо иҷозаи мулоқот бо наздиконашонро медиҳад.

Ба гуфтаи Олимова, модари Миркарим Саидкаримови 31-сола, ки соли 1999 ба 15 соли зиндон аз рӯи моддаи 159 Кодекси ҷиноии Ӯзбекистон – «Тааруз ба сохти конститутсионӣ» маҳкум шудааст, баъд аз мулоқот бо писараш фаҳмид, ки то кадом ҳадд вазъи саломатии ӯ бад аст.

««Косаи сар ва тахтапушти писарамро шикаста, суринашро зада пӯла кардаанд, - мегӯяд зан. – Ӯ аз кӯмаки касе умед надорад. Ман мехоҳам ҷомиаи ҷаҳонӣ донад, ки чӣ тавр фарзандони моро шиканҷа мекунанд!»

Тавре писараш ба ӯ гуфтааст, гуруснанишинии дастҷамъиро маҳбусони диндор баъд аз он сар кардаанд, ки аз маҳбас ҳамҳуҷраҳои онҳо ба ғайб задан шурӯъ кардаанд. Ба гуфтаи ӯ, аз маҳбас диндороне, ки намоз мехонданд ва рӯза медоштанд, ғайб мезаданд. Бақия маҳбусони диндор бо нишони эътироз гуруснанишинӣ эълон карданд ва аз раҳбарияти маҳбас талаб карданд, ки ҳашт маҳбуси аз камераҳо гумшударо баргардонанд. Дар посух нозирон эътирозгаронро ба камераи яккаса шинонданд.

Ба гуфтаи Муҳайё Ҳоҷиева, ки ба Жаслик аз ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд барои мулоқот бо писари ба 6 сол зиндонишудааш омадааст, се ҳафта наметавонад барои дидани ӯ иҷоза гирад. Зан аз он бим дорад, ки баъд аз ширкати ӯ дар гуруснанишинии дастаҷамъона писаршро сахт шиканҷа кардаанд.

«Дар маъмурияти маҳбас ба ман гуфтанд, ки писарам дар изолятор аст, ман хеле хавотирам, - гуфт Муҳайё Ҳоҷиева. – Кормандони маҳбас ба ман гуфтанд, ки «равед», аммо бо ин вуҷуд, то он дам ки ӯро набинам, ин ҷо мемонам. Метарсам, ки он ҷо ӯро таҳқир мекунанд».

Елена Урлаева аз Эътилофи ҳифзи ҳуқуқи Ӯзбекистон дар Тошканд мегӯяд, шиканҷа дар муассисаҳои маҳрумият аз озодӣ сол ба сол шадидтар мешавад ва беш аз ҳама мусалмонҳои маҳкумшуда азият мекашанд.

«Бахусус дар идҳои динӣ, дар моҳи барои мусалмонон шарифи Рамазон шиканҷа алайҳи диндорон меафзояд. Маъмурияти маҳбасҳо, аз ҷумла Жаслик

**ЎЗБЕКИСТОН / ТУРКМАНИСТОН**

намоишҳои шиканҷадиҳиро созмон медиҳанд», - мегӯяд Урлаева.

Писари Олимова нақл кардааст, ки намояндагони рӯҳоният ба наздикӣ ба ин маҳбас омадаанд, аммо ба ҷои кӯмак ба диндорон онҳоро таҳқир ва таҳдид кардаанд.

«Онҳо ба бачаҳои мо гуфтанд: «Шумо, ҳизбут-таҳририёнро, тамоми дунё бад мебинад, шумову аҳли оилаатонро бояд саросар нобуд кард», - нақл кард модари Саидкаримов.

Аз рӯи маълумоти Урлаева, ба сабаби муносибати ғайриинсонӣ бо зиндониён дар маҳбасҳои Ўзбекистон ҳамасола эътирозҳо барпо мешаванд. Онҳо алайҳи муносибати дурушт ва нақзи дағалонаи ҳуқуқҳояшон дастҷамъона раги варид ва шикамҳояшонро мебуранд. Аммо иттилоъ дар бораи ҳамчунин эътирозҳои маҳбусон аз сӯи мақомот пешгирӣ мешавад. Ба гуфтаи Урлаева, созмонҳои ҳифзи ҳуқуқи байнулмилалӣ бармаҳал маҳбаси Жасликро таҳти назорат гузоштаанд ва гуруснанишиние, ки дар он ҷо шурӯъ шудааст, далели иловагӣ барои таҳти назорати шадид гирифтани сохтори муассисаҳои ислоҳии Ўзбекистон аст. «Зарурати машғул шудан бо маҳбаси Жаслик барвақт пайдо шуда буд», - меафзояд Елена Урлаева.

*Матлаби мазкур дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳисоботи хабарии Осиёи Марказӣ» омода шудааст, ки аз сӯи бунёди National Endowment for Democracy пуштибонӣ мешавад*

# ТУРКМАНИСТОН

# БА ЗАНОНИ МУОСИРИ ТУРКМАН ҲУҚУҚИ ВОҚЕӢ ЗАРУРАНД



*Занони Туркманистон шикоят мекунанд, ки новобаста аз баробарии таъйидшуда дар конститутсия, онҳо худро маҳдудшуда меҳисобанд.*

Охири моҳи ноябр Туркманистон ба Кумитаи маҳви нақзи ҳуқуқи занони СММ гузориши навбатии давраии худро дар бораи он пешниҳод менамояд, ки чӣ тавр ӯҳдадориҳояшро ин кишвар дар чаҳорчуби ин санади байнулмилалӣ, ки соли 1996 ба тасвиб расидааст, иҷро мекунад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ дар кишвар заминаи муайяни қонунгузорӣ ҳаст, Конститутсияи Туркманистон ба мардон ва занон ҳуқуқҳои баробарро кафолат медиҳад, вайрон кардани баробарҳуқуқӣ аз рӯи хусусияти ҷинсӣ ҷавобгарӣ дорад, қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии занон» аз соли 2007 поймолкунии ҳуқуқи

## ТУРКМАНИСТОН




занон дар соҳаҳои мухталифро манъ ва нақши онҳоро дар оила, кор ва ҷомиа қонунӣ мекунад.

Аз нигоҳи аввал, пеши занони туркман дар кишвар майдони васеъи фаъолият боз аст. Намояндагони ҷинси латиф дар соҳаи тандурустӣ ва маориф нақши пешгомӣ доранд, занон аз ранҷ як ҳиссаи аъзои Маҷлис (парлумон) – и Туркманистонро ташкил медиҳанд, дар миёни раҳбарони сатҳҳои гуногун занон кам нестанд, ҳатто созмонҳои ҷамъиятии занона вуҷуд доранд, аммо тахти назорати мустақими мақомот ташкил шудаанд.

Аммо ҳанӯз соли 2008 Гурӯҳи кории тафсири ҳаматарафаи давраии Созмони Милали Муттаҳид изҳори нигаронӣ карда буд, ки Туркманистон «зарурати бетаъхири мубориза алайҳи зӯроварӣ алайҳи занонро дарк намекунад» ва дар қонунгузории маҳаллӣ тадобири ҷилавгирӣ ва механизмҳои ҳимояти қурбониён вуҷуд надоранд.

Шореҳоне, ки барои ин мақола пурсида шуданд, гуфтанд, ки тайи ду сол тағйироти кам ба назар мерасанд. Таҳлилгарони маҳаллӣ анъанаҳои осёии муносибат ба занонро мисол меоранд, ки ба онҳо нақши дуввумдараҷа дар ҷомиа қоил мешаванд.

«Новобаста аз ҳамаи қонунҳо, мо ҳамеша мардонро эҳтиром ва гӯш мекунем, - гуфт ба NBCA зани мансабдори миёнасоле, ки нахост номаш ифшо шавад ва собиқаи 20 – солаи корӣ дар хадамоти давлатӣ дорад. – Волидайнам ҳамеша моро ба ин омӯхтаанд».

Тоҷигул Бегмедова, раҳбари Бунёди туркмании ҳуқуқи башари Хелсински аз Булғористонро ин ақида дар ҳайрат намегузорад. Вай нақл кард, ки духтари туркманро аз хурдсолӣ дар рӯҳияи итоат кардан ба калони оила, падар, бародар, шавҳари оянда, бародарони вай ва гапшунав будан тарбия мекунанд. «Ин то ба ҳол иҷро ва истиқбол мешавад».

«Рост аст, ки зани муосири туркман метавонад бештар озод бошад ва баъзан ҷавоб гардонад, аммо бо сухан, зеро амалан ӯ ҳуқуқе надорад, ҳатто дар муносибат бо фарзандони худаш, - мегӯяд ҳомии ҳуқуқ. – Ҳанӯз ҳам ҷониби падар ба кӯдак нисбати модар бештар ҳақ дорад».

Як сайёҳи хориҷӣ, ки ба қарибӣ дар Ишқобод буд, бо ҳайрат нақл кард, ки чӣ тавр занони дар кӯча машғули кор ва мардонеро мушоҳида кардааст, ки занонро саросема мекарданд,.

«Занон, ки ба рӯймолҳо печида, либоси норинҷӣ ба тан доштанд, дарахт мешинонданд, аммо мардоне, ки кастум ба бар доштанд, онҳоро назорат мекарданд, дод мезаданд, ки бояд ахлотро тоза кунанд ва занон хам зада, халтаҳои ахлотро сари китф берун меоварданд», - нақл кард ӯ.

Савдогарзани бозор гирякунон аз бетартибии мардон - кормандони андоз ва сохторҳои мухталифи тафтишотӣ шикоят мекард.

«Ман дар ҳавои кушоди гармову тобистон савдо мекунам, - мегӯяд ӯ, - Ба назди ман кадом як мансабдор меояд, моламро мегирад ва мегӯяд: шикоят кунӣ, накунӣ, ки аздусар касе занакро гӯш намекунад! Чӣ кор кунам? Ман пеши онҳо беҳуқуқам».

Агарчи дар шаҳрҳо ин маворид зуҳуроти саросарӣ нестанд, аммо дар деҳот вазъи занон хеле вазнин аст. Шореҳи News Briefing Central Asia дар вилояти марказии Аҳал, бар пояи мушоҳидаҳои худ нақл кард, ки «занонро ҳамон тавре ки истисмор мекарданд, боз мекунанд».

Дар майдонҳои пахта асосан занонро метавон дид, дар хона хоҷагиро ӯ пеш мебарад, соати 4 – и субҳ мехезад, гов меҷӯшад, ферма меравад, халтаҳои вазнинро мебардорад… Нигоҳубини кӯдакон низ бар дӯши ӯст.

«Дар деҳот зани туркман ҳуқуқи сари дастурхон нишастан бо меҳмонинро надорад, - қиссаро идома медиҳад шореҳ. – Ҳатто хӯрокро маъмулан ӯ намеорад, бачаҳо меоранд. Аммо агар ба хонааш сар халонед, то изҳори сипос кунед, пеши ӯ ва кӯдакон чурек, чойи кабуд ва қандро мебинед. Аммо шавҳар гӯшту сабзавот мехӯрад».

Фаъоли гурӯҳи ғайрирасмии ҳифзи ҳуқуқ дар Ишқобод гуфт, ки хушунати хонаводагӣ масъалаи хеле доғ аст. Вай ду мисол овард, ки занони то ба ҳадди рӯҳафтодагӣ расонидашуда кӯшиш ба харҷ доданд ба пулис муроҷиат кунанд. Як маврид шикоят аз шавҳар буд, ки ҳамарӯза занашро мезад, мавриди дигар шикоят аз хусур буд, ки муназзам ҳамсари писарашро таҷовуз мекард. «Пулис ба далели он ки ин кори «дохили оила» аст, аризаи ин занонро қабул накард»,- гуфт фаъол.

Дар Туркманистон омори расмии қурбониёни хушунати иҷтимоӣ баста аст. Аммо ба шаҳодати шореҳони маҳаллӣ, хушунати хонаводагӣ дар кишвар зуҳуроти хеле густарда аст.

«Хушунати иҷтимоӣ ҳамарӯза дар бисёр оилаҳои туркман дучор меояд, - мегӯяд шореҳи матбуот дар Ишқобод. – Латукӯби занон, хобухези иҷборӣ, меҳнати ғуломона хеле густардаанд, зеро мардон аксар вақт занро маҷбур мекунанд, ки дар хона кор кунад, масалан, қолин бофад, то оиларо хӯронад».

**ТУРКМАНИСТОН**

Ҳомиёни маҳаллии ҳуқуқи башар мегӯянд, дар кишвар бояд шабакаи марказҳои бӯҳронӣ, телефонҳои боварӣ ва тарҳҳои монанд ба «хатти доғ», ки аз сӯи САҲА дар пойтахти Туркманистон соли гузашта ташкил шуд, барои машваратҳои бепули равонӣ ба қурбониёни хушунати хонаводагӣ роҳандозӣ шаванд.

Аммо умедворӣ танҳо аз созмонҳои байнулмилалӣ аст, зеро мақомот мутмаъинанд, ки вазъи ҳуқуқи занони туркман хуб аст.

«Шояд аз нигоҳи ғарбӣ ҳуқуқҳои занони мо ҳимоят намешаванд, аммо мо ин гуна назар надорем, - писханд мезанад корманди хокимият. – Дар Шарқ ҳамеша чунин буд».

*Ин матлаб дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳисоботи хабарии Осиёи Марказӣ», ки аз сӯи National Endowment for Democracy сармоягузорӣ мешавад, омода шудааст.*

# МАҚОМОТ БО САФАРҲОИ ХОРИҶИИ ПИЗИШКОН МУБОРИЗА МЕБАРАНД



Охири моҳи сентябр сомонаи интернетии оппозитсионии Ташаббуси туркмании ҳуқуқи инсон дар бораи оғози тафтишоти густардаи шиносномаҳои кормандони тиби Туркманистон иттилоъ дод.

Кормандони шӯъбаи кадрҳои муассисаҳои тиббӣ дар ҳамдастӣ бо намояндагони Хадамоти амнияти миллӣ табибонеро ошкор мекунанд, ки дар шиносномаҳояшон тамғаи убури марз зада шудааст.

«Аксари кормандони тиб ба ҷуз фаъолияти асосиашон тиҷорати молро пеш гирифтаанд ва ба хориҷ аз кишвар мераванд, - менависад «Солномаи Туркманистон (Хроника Туркменистана)». – Ҳамкасбон бо ҳамдигар маслиҳат карда, навбатдориашонро иваз мекунанд. Яке ба ҷои худ ва ҳамкасбаш навбатдорӣ мекунад ва дигарӣ дар ин вақт ба Чин, Аморати Муттаҳидаи Араб, Русия, Туркия, Эрон ва Қазоқистон рафта мол меорад».

Агар дар шиносномаи пизишк мӯҳри марзбонӣ ё қайди раводидро пайдо кунанд, қонуншиканро ба назди раҳбарият даъват намуда, ҷазо медиҳанд, «маҷбур мекунанд, ки на фақат пули аз ҳисоби навбатдории накардааш, балки музди моҳонаашро баргардонад», - менависад нашрия.

Тафтиши саросарии шиносномаҳои пизишкон барои ошкор кардани қайдҳои убури марз дар Туркманистон соли 2009 низ ба вуқӯъ пайваста буданд. Яке аз таҳлилгарони маҳаллӣ ба хотир меорад, ки бисёриҳо ба хотири амнияти худ ҳатто ҳуҷҷатҳояшонро тахриб мекарданд.

«Одамон саросемавор аз шиносномаҳояшон раҳоӣ мeёфтанд, онҳоро гум ё бо ягон чӣ тар мекарданд, то қайди раводиди сафарҳояшон нанамояд,- мегӯяд мусоҳиби мо.- Танҳо онҳое аз ҷазо гурехта тавонистанд, ки ин корҳоро дар вақташ, то замони талаб кардани шиносномаҳояшон барои

## ТУРКМАНИСТОН

тафтиш анҷом доданд».

Ба гуфтаи шореҳе аз Ишқобод, ба ҳам овардани тиҷорати мол ва таҷрибаи тиббӣ «духтуронро аз бепулӣ раҳоӣ мебахшад». Маоши пизишки туркман дар ҳадди $200 - $230 мекалавад, ки маҳз каме беш аз сатҳи расмии ҳадди ақалли музди меҳнат дар ҳаҷми 598 манат ($170, аз рӯи курси расмии 2.85) аст, ки 1 январи соли 2010 тасдиқ шудааст.

Аз ин хотир барои нӯг ба нӯг кардани рӯзгор кормандони тиб аксар вақт маҷбуранд ягон кори иловагӣ низ кунанд. Духтурон аксар вақт на фақат рӯзҳои корӣ ва истироҳат, балки рухсатии меҳнатии ҳарсолаашонро барои овардани бор, ки метавон дар бозорҳои маҳаллӣ бо фоидааш фурӯхт ва ё ба мағоза супурд, сарф мекунанд.



Бинои вазорати тандурустӣ дар Ашқобод

«Бисёр пизишкзанони моро лозим меояд, ки тамоми оиларо таъмин кунанд, зеро дар кишвар теъдоди бекорон зиёд аст, - нақл мекунад шореҳ.- Ва ба хориҷ барои мол аз рӯзи хуш намераванд, балки барои он ки фарзандонро бояд хононанд, пӯшонанд ва хӯронанд».

Бар асоси шикояти пизишкон ба NBCA, вазъи онҳо ҳатто баъд аз он беҳбуд наёфт, ки баробари ба қудрат расидан дар соли 2007 президент Қурбонгулӣ Бердимуҳаммадов, дандонпизишк, доктори улуми тиб дар соҳаи тандурустӣ ба ислоҳоти сохтор шурӯъ кард.

Ҳарчанд аз буҷаи давлат садҳо миллион доллари амрикоӣ ба сохтмони бемористонҳои бисёрсоҳаи бузург харҷ мешаванд, маоши пизишкон наафзуда, балки нархи хадамоти тиббӣ меафзояд, ки мизоҷонро мегурезонад.

Аммо мақомот дар навбати худ аз кайфияти пасти хадамоти тиббӣ изҳори нигаронӣ мекунанд, ки аз нигоҳи онҳо, на фақат бо сабаби сатҳи пасти касбияти кормандони соҳаи тандурустӣ, балки ҳам аз набудани пизишкони савдогар дар ҷои кори худ пеш омадааст.

«Ҳамчунин вазъро тасаввур кунед: бояд оҷилан ҷарроҳӣ кард, аммо духтур нест»,- бо хашм мегӯяд Искандар, ҳуқуқшиносе аз Ишқобод, ки ин маъракаро ҷонибдорӣ мекунад. Вай мегӯяд, табибон дар ягон ҳолат набояд қасами касбии додаашонро шикананд.

Ҳомиёни ҳуқуқ дар маъракаи тафтиши густардаи шиносномаҳои пизишкон нақзи оддии ҳуқуқҳои конститутсионии туркманистониҳоро мебинанд, ки моҳирона пушти ниқоби мубориза бо табибони бетартиб пинҳон мешавад.

Новобаста аз даъватҳо ва танқиди ҷомиаи байнулмилал дар мавриди осон кардани ҳаракат дар Туркманистон ҳаракати одамон ҳанӯз ҳам бо «рӯйхатҳои сиёҳ»-и мамнӯъулхуруҷон маҳдуд шудааст, шартҳои сангини раводид мавҷуданд ва сафар ба дохили кишвару хориҷ аз сӯи хадамоти махсус назорат мешавад.

На фақат пизишкони савдогар, балки онҳое, ки гоҳгоҳ ба сафарҳои хидматӣ барои ширкат дар нишастҳо мераванд, мавриди кунҷкобии мақомот қарор гирифтаанд. Хадамоти махсус фикр мекунанд, ки барои ин мақсадҳо табибон сафарҳои тиҷоратиашонро истифода мекарданд, то ҳангоми иҷрои расмиятҳои раводид аз суолҳои нобоб раҳо шаванд. Раҳбари гурӯҳи шаҳрвандӣ дар вилояти Лебап, воқеъ дар шарқи кишвар низ бар ин ақида аст ва ишора ба пурсуҷӯҳои саросарии пизишкон дар зимистони соли гузашта мекунад, ки баъд аз тарки Туркмнистон кардани созмони байнулмилалии «Пизишкони бидуни марз» ба далели беэътибории мақомот ба тарҳҳои пешниҳодкардаи ин созмон ба вуқӯъ пайвастанд.

Он замон барои сӯҳбатҳои санҷишӣ теъдоди зиёди пизишкон даъват шуда буданд. Ба онҳо тавсия дода шуд, ки иттилоъ «камтар» диҳанд, «гапи зиёдатӣ» нагӯянд ва «аз онҳое, ки мепурсанд, эҳтиёт шаванд», вагарна ин ҳамчун «ҷосусӣ» талаққӣ хоҳад шуд.

Ба гуфтаи фаъол, ба ҳукумат ҳатто ишорае дар бораи ҳамкории пизишкони маҳаллӣ бо намояндагони созмонҳои хориҷӣ, ки пизишкон бо онҳо ҳангоми сафар ба кишварҳои хориҷӣ метавонанд вохӯранд, хуш намеояд.

Ин амр баъид нест, ки тафтишҳои имрӯзии шиносномаҳои пизишкон «давраи навбатии ин «амал» аст.

*Ин матлаб дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Ҳисоботи хабарии Осиёи Марказӣ», ки аз сӯи National Endowment for Democracy сармоягузорӣ мешавад, омода шудааст.*

Institute for war & peace reporting
48 Gray’s Inn Road
London, WC1X 8LT, UK
Tel: (44 20) 7831 1030
Fax: (44 20) 7831 1050
Web: www.iwpr.net
E-mail: info@iwpr.net



Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қирғизистон
Ҷумҳурии Қирғизистон
ш. Бишкек, 720017
к. Тоголок Молдо, 18-2
Тел.: + 996 312 66 44 53, 61 38 70
Факс: + 996 312 61 38 70
E-mail: iwpr.kyrgyz@iwpr.net



Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Қазоқистон
Ҷумҳурии Қазоқистон
ш. Алмато, 050000
к. Казыбекби, 50
ошёнаи 2, утоқи 84
Тел.: +7 727 272 59 03, 272 64 21, 272 68 90
E-mail: iwpr.kazakhstan@iwpr.net



Намояндагии IWPR дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, 734003
х. Рӯдакӣ, 137, «Тоҷикматлубот», ошёнаи 6
Тел.: + 992 372 24 70 26
Тел./Факс: + 992 372 24 70 51
E-mail: iwpr.tajikistan@iwpr.net

IWPR ба мундариҷаи маводи мазкур масъул аст ва онҳо дар ҳеҷ ҳолат нуқтаи назари кишварҳои Иттиҳоди Аврупоро инъикос наменамоянд.